

# ҲИСОБОТИ ТАҲЛИЛӢ

## ТОҶИКИСТОН: ОМОДАГӢ БА ТАҲСИЛОТИ РАҚАМИИ МАКТАБӢ

IDRC · CRDI
Canada
GPE KIX KNOWLEDGE INNOVATION EXCHANGE
TAALIM-FORUM КЫРГЫЗСТАН
NNC МОНГОЛИЯ
ANAHITA ТАДЖИКИСТАН

# ДИСКЛЕЙМЕР

Татбиқи лоиҳаи таҳқиқотӣ ба туфайли дастгирии Ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф (GPE), ки барномаи табодули донишҳо ва инноватсияҳоро татбиқ менамояд, дар ҳамкорӣ бо Маркази байналмиллалии таҳқиқотии рушд (IDRC), Канада, имконпазир гардид, https://idrc-crdi.ca/en.

Ақидаҳои дар ин ҳисобот баёнгардида ҳатман ақидаи Маркази байналмиллалии таҳқиқотии рушд (IDRC) ва ё Шурои маъмурини онро ифода наменамоянд.

# МУНДАРИЧА

**МУҚАДДИМА** 6

**I. МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТ** 7

Масъалаҳои таҳқиқӣ 7
1.2. Методҳои ҷамъоварии маълумот ва марҳалаҳои таҳқиқот 7
1.3. Географияи таҳқиқот 9
1.4. Методҳои назорати сифат ва таҳлили маълумот 10

**II. ХУЛОСАҲОИ АСОСӢ** 11

2.1. Асосҳои сиёсати таҳсилоти рақамӣ 11
2.2. Мушкилоти трансформатсияи рақамии таҳсилоти мактабӣ 13
2.3. Дарки таҷрибаи таҳсилоти рақамӣ аз тарафи омӯзгорон ва талабагон 14
2.4. Ошкор намудани омилҳои осебпазирӣ 21
2.5. Ташаббусҳо ва инноватсияҳо 28
2.6. Баррасии фарзияҳо 29

**III. ТАВСИЯҲО ВА ХУЛОСАҲО** 31

**БИБЛИОГРАФИЯ** 32

# АРЗИ СИПОС

Командаи лоиҳа барои дастгирии ҳамешагӣ ва ҳамкорӣ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шахси муовини аввали вазир Ҷамшед Ҷӯразода, Маркази иттилотӣию коммуникатсионии технологияҳо дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шуъбаҳои маорифи ҳамаи шаҳрҳо ва минтақаҳое ки дар он ҷойҳо кори таҳқиқотӣ гузаронида шудааст, миннатдорӣ изҳор менамояд.

Командаи лоиҳа ба мушовири лоиҳа, дотсенти донишгоҳи Макгил (Канада), доктор Эмме Харден-Волфсон ва роҳбари калони барномаи Маркази таҳқиқоти рушди байналмиллалӣ, доктор Сангай  Ҷамтшо ва Координатори миллии барномаи Табодули донишҳо ва инноватсияҳо  Маркази баайналмиллалии таҳқиқотии рушд (IDRC) дар Тоҷикистон, Шодибег Қодиров барои тавсияҳои арзишманд ва ҷорӣ намудани таҷрибаи байналмиллалӣ миннатдории махсус изҳор менамояд.

Командаи лоиҳа аз муҳаққиқони қирғизистонӣ, аз ҷумла аз Гулнора Ибраева, Меҳригул Аблезова ва Анастасия Даншина барои саҳми онҳо дар таҳияи меодологияи таҳқиқ ва тавсияҳо ҳангоми корҳои саҳроӣ ва таҳлили маълумот миннатдор аст.

Ҳадафҳои лоиҳаи таҳқиқотӣ ба туфайли кори якҷоя дар шахси роҳбари лоиҳа, доктор Жилдиз Доолбекова; координатори кишварӣ Абдувоҳид Сафаров; роҳбари гурӯҳи таҳқиқотӣ Ҷовидшо Ҷӯраев; мушовирон оид ба таҳқиқот Лоиқ Миров ва Бахтиёр Тӯраев; директори фонди ҷамъиятии «Таалим-Форум» Алмагул Осмонова; ассистент оид ба коммуникатсияҳо, баррасиҳо ва технологияҳои иттилоотӣ Айгерим Жолчубекова; менеҷери молиявӣ Ирис Тӯраркулов, тарҷумонҳо ва волонтёрҳои лоиҳа амалӣ карда шудаанд.

# ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| ҲГМ | Ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф |
| ТФ | Таълими фосилавӣ |
| ТФТ | Технологияҳои фосилавии таҳсилот |
| ТИК | Технологияҳои иттилотӣ-коммуникатсионӣ |
| СМРМ | Стратегияи миллии рушди маориф |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| ИДМ | Иттиҳоди давлатҳои мустақил |
| ФБГ | Фокуси баҳсҳои гурӯҳӣ |
| ҲРУ | Ҳадафҳои рушди устувор |
| ЮНИСЕФ | Фонди кӯдакони Созмони Миллали Муттаҳид |
| ЮСАИД | Агентии ИМА оид ба рушди байналмиллалӣ |

# МУҚАДДИМА

## Аҳамият

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ва пешвоёни сиёсии ҷаҳонӣ ӯҳдадор шуданд "таҳсили сифатноки инклюзивӣ ва одилона"-ро таъмин намоянд ва "имкониятҳои таълим дар муддати тамоми ҳаёт барои ҳама"-ро, ки дар Ҳадафҳои рушди устувор баён шудаанд, фароҳам оваранд. ҲРУ 4 ҳадафи универсалӣ ва дигаргунсозанда ҳисобида мешавад, ки барои ҳалли масъалаҳои маориф дар сатҳҳои глобалӣ ва миллӣ ёрӣ мерасонад[2]. Вале тафовути байни вазъияти ҳозира дар бахши маориф ва вазъияти пешгӯишаванда то соли 2030 муҳим боқӣ мемонад3. Вазъият дар зери таъсири пандемияи COVID-19, ки зарари калон ба системаҳои маорифи ҳамаи кишварҳои ҷаҳон расонд, бад шуд. Баста шудани мактабҳо ва гузариши минбаъда ба таълими фосилавӣ душвориҳо ба миён овард ва қариб 1,6 миллиард талабагонро дар зиёда аз 190 кишвар дар ҳамаи қитъаҳо фаро гирифт. Бухрон дар маориф, ки бо пандемия амиқтар шуд, 90 дарсади аҳолии донишҷӯи ҷаҳонро фаро гирифт ва дар кишварҳои дорои даромади паст ва аз миёна паст ин нишондиҳанда 99%[1]. дарсадро ташкил медиҳад.

Дар Тоҷикистон, мисли аксари кишварҳои дигар, пандемияи COVID-19 ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти инсон, аз ҷумла бахши маорифро фаро гирифта, заъфи потенсиали ниҳодӣ ва инфрасохтории таълими таълими рақамии мактаббачагон дар замони бухронро нишон дод. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла бо Ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф (ҲГМ), ЮНИСЕФ. Бонки умумиҷаҳонӣ, Иттиҳоди Аврупо, ЮСАИД ва тарафҳои дигари манфиатдор, кӯшиш кард бо роҳи пешбурд ва маблағгузорӣ ба ҷанбаҳои мухталифи таҳсилоти рақамӣ дар Тоҷикистон вокуниш нишон диҳад.

## Шарҳи лоиҳа

Лоиҳаи таҳқиқотии "Муносибатҳои инноватсионӣ дар таълими фосилавӣ барои барои баланд бардоштани сифат ва дастрасӣ ба таҳсилоти мактабӣ дар Қирғизистон, Тоҷикистон ва Муғулистон" аз тарафи Консорсиуми созмонҳои ҷамъиятии «Таалим-Форум» (созмони ҳидояткунанда, Қирғизистон), Nomadic Nature Conservation (Муғулистон) ва "Анахита" (Тоҷикистон) татбиқ шудааст. Ҳадафи асосии лоиҳа – пешбурди муносибатҳои инноваҳои инноватсионӣ дар таҳсилоти фосилавӣ мебошад, ки дастрасии баробар ва ба-ланд бардоштани сифати таҳсилот барои бачагон аз оилаҳои осебпазирро таъмин менамояд. Лоиҳа ба омӯзиши стратегияҳои калидии пешниҳоди таҳсилоти фосилавӣ (ТФ) дар ҷавоб ба басташавии муваққатии мактабҳо, ҳамчунин душвориҳои калидӣ ва монеаҳо дар роҳи таъмини дастрасии баробарӣ ба таҳсил дар қаринаи (матни) векторҳои ҳамдигарро бурида гузарандаи осебпазирӣ равона карда шудааст: маҳали истиқомат, ҷинсият ва тааллуқот ба аққалиятҳои этникӣ. Дар рафти таҳқиқот инноватсияҳое ки масъалаҳои баробарӣ ва инклюзивнокиро самаранок ҳал мекунанд, потенсиали омӯзгоронро дастгирӣ мекунанд, ҳамчунин таҷрибаи пешқадамро ки метавонанд ҳангоми таҳияи сиёсатҳо ва амалияҳо дар бахши маориф судманд бошанд, омӯхта шудаанд.

Ҳисоботи таҳлилӣ дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти дар Тоҷикистон, дар давраи аз сентябри соли 2021 то сентябри соли 2023 гузаронидашуда навишта шудааст. Дар доираи таҳқиқот маъракаҳои мухталиф, аз ҷумла баҳсҳои муштарак бо иштироки намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, созмонҳои ҷамъиятӣ, директорони мактабҳо, омӯзгорони навовар, методистҳо ва коршиносони бахши маориф барои ба роҳ мондани робитаи мутақобил ва табодули афкор бо тарафҳои мухталифи манфиатдор гузаронида шуданд.

Ҳисоботи таҳлии мазкур натиҷаҳои як қатор чорабиниҳои таҳқиқотии дар муддати татбиқи лоиҳа гузаронидашударо дар бар гирифтани таҳқиқоти кабинетӣ, интервю, фокуси баҳсҳои гурӯҳӣ (ФБГ), мушоҳидаҳо ва пурсиш дар байни талабагон ва омӯзгорон инъикос менамояд. Натиҷаҳои пешакии таҳқиқот дар конфронсҳои байнилмиллалии "Стратегияҳо ва инноватсияҳои таълимӣ дар даврони рақамикунонӣ", ки солҳои 2022 ва 2023 дар Қирғизистон баргузор шудаанд, ҳамчунин дар конфронсҳои байналмиллалии Ҷамъияти таҳсилоти муқоисавӣ ва байналмиллалӣ (CIES, ИМА) дар солҳои 2022 ва 2023, баррасӣ карда шудаанд.

Дар ҳисобот манзараи пурраи ҳолати ҷории рақамикунонии таълими мактабӣ ва фосилавӣ пешниҳод карда шудааст; он таҳлили мушкилот ва монеаҳо дар трансформатсияи рақамӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таҳсилоти мактабии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Ҳисоботи таҳлилӣ маҳсули калидии таҳқиқот мебашад, ки сиёсатмадорон метавонанд аз он ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва барномаҳо оид ба беҳтар намудани сифат ва дастрасии таҳсилоти мактабӣ дар Тоҷикистон истифодакунанд.

[1] Концептуальная записка: образование в эпоху covid-19 и в последующий период. ЮНЕСКО. https://www.un.org/sites/un2.un.org/files/2020/09/policy_brief_-_education_during_covid-19_and_beyond_russian.pdf

# I . МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚОТ

## 1.1. Масъалаҳои таҳқиқӣ

Масъалаҳои таҳқиқии лоиҳа ба ошкор намудани махсусиятҳои осебпазирии гурӯҳҳои мухталифе равона карда шуда буданд, ки дар шакли таълими фосилавӣ дар давраи пандемияи COVID-19 таҳсил мекарданд. Ҳадафҳои онҳо аз ошкор намудани таҷрибаи инноватсионӣ дар маориф иборат буданд. Дар робита ба ҳамин, таҳқиқот ба ду гурӯҳи асосии масъалаҳо нигаронида шуда буд:

1. Махсусиятҳои осебпазирии гурӯҳҳои мухталиф ҳангоми таълими фосилавӣ дар давраи пандемияи COVID-19 кадомҳоанд? Осебпазирии талабагон, аз ҷумла писарон ва духтароне ки дар маҳалҳои дурдаст зиндагӣ мекунанд, аз ҷумла намояндагони аққалиятҳои миллӣ ба кадом андоза фарқ мекунанд? Оё навъҳои дигари нобоварӣ ва осебпазириҳои махсуси гурӯҳҳо вуҷуд доранд?

2. Таҷрибаи инноватсионии таълими фосилавӣ дар куҷо ошкор карда шуданд ва кадомҳоанд? Инноватсияҳо чистанд? Кӣ онҳоро месозад ва кӣ муайян мекунад? Таҷрибаи инноватсиониро чӣ тавр метавон густариш дод, дар кадом шаклҳо ва барои кадом гурӯҳҳои осебпазир?

Аз нигоҳи назариявӣ ин таҳқиқот дар асоси корҳои Бурдйе[2] ва ҳамаи онҳое ки мавзӯи нобаробарӣ дар бахши маорифро кор кардаанд, гузаронида шудаанд. Таълими фосилавӣ ҳамчун фазои дискурсивӣ, ки аз тарафи субъектҳои мухталиф ва тарафҳои калидии манфиатдор дар бахши маориф сохта шудааст, баррасӣ карда мешавад. Муносибати дискурсивӣ барои ҷавоб додан ба саволи ҷаро падидаҳои муайян, аз ҷумла нобаробарӣ, дар ҷомеа пайдо ва ҳифз мешаванд, муҳим мебошад.  Истилоҳи «дискурс» дар таҳқиқот ҳамчун шакли рафтори иҷтимоӣ, бо дар бар гирифтани донишҳо, одамон ва муносибатҳои иҷтимоӣ истифода карда мешавад. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи нобаробарии таълимӣ ва омилҳои таъсиррасон ба муваффақияти таълим ва рушди талабагон, ҳамчунин муносибати назариявии ҳамкории мутақобилаи иҷтимоию фарҳангӣ, ки мактаби Лев Виготский ва муҳаққиқони дигар таҳия намудаанд, низ истифода шудааст.  Дар он нақши забон, анъанаҳои фарҳангӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар ташаккули натиҷаҳои таълимӣ таъкид шудааст[3]. Ин муносибат робитаи байниҳамдигарии қаринаи иҷтимоию фарҳангӣ ва натиҷаҳои таълимӣ, ки дар он таълим амалӣ карда мешавад ва нақши амали мутақобилаи байни талабагон ва муҳити иҷтимоию фарҳангии атрофро  таъкид мекунад. Назарияи иҷтимоию фарҳангӣ ба таъсири анъанаҳои фарҳангӣ, забон, амали мутақобила дар раванди таълим  бо гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ дар таълим ва рушд, ба дараҷаи дастгирӣ ва ҷалбшавии талабагон тавассуҳ зоҳир менамояд. Дар таҳқиқот усулҳои феминистии эмпатия, боварӣ, эҳтиром, адолати глобалӣ ва масъулияти умумӣ истифодакарда шудаанд, ки муносибати байнисектории дар асоси таҷриба ва донишҳои тарафҳои мухталифи манфиатдор сохташударо тарафдорӣ менамоянд.

## 1.2. Методҳои ҷамъоварии маълумот ва марҳалаҳои таҳқиқ

Дар таҳқиқот муносибати комплексӣ ба ҷамъоварии маълумот истифода карда шуд, ки барои муттаҳид намудани маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ имконият фароҳам овард. Чунин муносибат имкон дод, ки тавассуҳ ба  масъалаҳои таҳқиқӣ, ки бо фарқият дар фаҳмиши таъсироти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ба воқеият асоснок карда шудаандш, равона карда шавад. Таҳқиқот аз се марҳала иборт буд: кабинетӣ, сифатӣ ва миқдорӣ. Тавассуҳи махсус ба минтақаҳо ва ҳудудҳои дурдаст, ҷомеаҳо, аққалиятҳои миллии этникӣ зоҳир карда шуд.

Таҳқиқоти кабинетӣ аз моҳи август то моҳи ноябри соли 2021 гузаронида шуд ва омӯзиши маълумоти оморӣ, ҳисоботҳои таҳқиқотҳои миллӣ ва байналмилалӣ, ҳамчунин матолиби вобаста ба мавзӯи маориф ва рақамикунӣ дар ВАУ-ро фаро гирифтааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқот таҳлил карда шудаанд: (1) Санадҳои меъёрию ҳуқуқии муайянкунандаи самтҳои стратегии рақамикунонӣ, маълумоти озоди оморӣ ва ҳисобҳо оид ба таҳқиқоти дар Тоҷикистон гузаронидашуда; (2) Ташаббусҳои Вазорати маориф ва илм, ки стратегияи рақамикунониро муайян мекунанд; (3) Таҷрибаи истифодаи технологияҳои фосилавии таълимӣ (ТФТ) дар таҳсилоти мактабӣ.

Дар фокуси (мадди назари) таҳқиқот (а) стратегияи пешбурди таҳсилоти рақамӣ; (б) осебпазирии гурӯҳҳои мухталифи донишҷӯён дар қаринаи ҷинсият, маҳали зист ва тааллуқот ба аққалиятҳои миллӣ; (в) таҷрибаи пешқадам ва инноватсияҳо, тамоюли истифодаи ТИК, порталҳои таълимӣ ва захираҳои электронӣ барои талабагон бо мақсади беҳтар намудани дастрасӣ ба таҳсилоти босифат қарор дошт.

Таҳқиқоти сифатӣ аз моҳи феврал то моҳи июли соли 2022 гузаронида шуд ва ба фурӯравии амиқ дар қаринаи таҳсилоти рақамӣ ва муайян намудани таъсири он ба гурӯҳҳои мухталифи тарафҳои манфиатдор, бо дар бар гирифтани менеҷерҳо, падару модарон, коршиносон, интернет-провайдерҳо, омӯзгорон ва донишҷӯён нигаронида шуда буд. Методҳои таҳқиқот интервюҳои нимсохторишуда, баҳсҳои фокус-гурӯҳӣ ва мушоҳидаҳои бевоситаро дар бар мегирифтанд. Дар Тоҷикистон 21 интервюи нимсохтори-

---

[2] Pierre Bourdieu, Jean-Claude Passeron. Vosproizvodstvo: element teorii sistemy obrazovania (Reproduction: Elements of the Theory of the Education System) (Moscow: Prosveshenie, 2007) https://gtmarket.ru/library/basis/5415
[3] Качество образования в контексте социокультурного подхода. О.Ю. Милосердова https://cyberleninka.ru/article/n/obrazovanie-i-kachestvo-obrazovaniya-v-kontekste-sotsiokulturnogo-podhoda/viewer

шуда, бо менеҷерҳо, намояндагони худидоракунии маҳаллӣ, маъмуриятҳои мактабҳо, ИТ-мутахассисон ва коршиносон гузаронида шуд. Барои интихоби мутахассисони дорои донишҳо ва таҷрибаи кор бахши маориф, интихоби ҳадафманд гузаронида шуд. Шакли нимсохторишудаи интервю барои ошкор намудани масъалаҳои иловагӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот имконият фароҳам овард.

Баррасиҳо дар фокус-гурӯҳҳо бо падару модарон ва талабагон гузаронида шуданд. ФГФ барои хубтар фаҳмидани таҷрибаи таълим дар давраи пандемия, ошкор намудани гурӯҳҳои осебпазир ва инноватсияҳои таълимӣ ёрӣ расонд. ФГФ ҳамчунин барои ҷамъ намудани афкор дар бораи он ки барои дастгирии донишҷӯён дар минтақаҳои дурдаст, фарзандони аққалиятҳои миллӣ, духтарон ва писарон боз кадом тадбирҳои иловагӣ лозиманд, имконият фароҳам овард. Иштироккунандагон бо истифодаи методи интихоби ҳадафманд интихоб карда шуданд. Дар Тоҷикистон ҳамагӣ 18 баҳси фокус-гурӯҳӣ бо падару модарон (алоҳида падарон ва модарон) ва талабагон (алоҳида духтарон ва писарон) гузаронида шуд. Дар БФГ бо падару модарон 39 сокини калонсоли ҷомеаҳо (18 мард ва 21 зан) аз 27 то 75-сола ва дар БФГ бо донишҷӯён 46 ҷавон ва 43 духтар иштирок карданд.

Барои методи мушоҳидаи бевосита аз оилаҳои ҳадафманд, ки дар онҳо писарон ва духтарони синнусоли мактабӣ буданд, ризояти иттилоотӣ гирифта шуд. Муҳаққиқон барои ошкор намудани омилҳои монеъшаванда ба дастрасӣ ба таҳсили кӯдакон аз оилаҳои осепазир, 10 рӯзро дар оилаҳои интихобуда гузарониданд. Оилаҳо бо истифодаи методикаи мувофиқи интихоб, бо дарназардошти тағйирёбии иштироккунандаи калидии таҳқиқот (кӯдак) аз рӯи ҷинсият, тааллуқоти этникӣ ва маҳали истиқомат ҳаммонанд (иднтификатсия) карда шуданд. Ҳамагӣ 6 мушоҳидаи бевосита, аз ҷумла дар ду оилаи намояндаи аққалиятҳои миллии дар Кӯҳистони Бадахшони зиндагикунанда гузаронида шуданд.

**Ҷадвали 1.** *Миқдори интервюҳои гузаронидашуда*

| Гурӯҳи мақсаднок | Миқдори пурсишҳо |
|---|---|
| Пурсишҳои маъмурони системаи маориф | 3 мард |
| Пурсишҳои провайдерҳои ИТ-хизматрасониҳо ва провайдерҳои хизматрасониҳои таълимӣ | 1 зан ва 2 мард |
| Пурсишҳои ОМСУ | 1 мард |
| Пурсишҳои омӯзгорон, бо дар бар гирифтани омӯзгорони навовар | 1 зан |
| Пурсишҳои падару модарони | 5 зан |
| Пурсишҳои талабагон | 5 духтар ва 3 писар |

Марҳалаи миқдории таҳқиқот — пурсише ки аз моҳи март то моҳи июни соли 2023 гузаронида шуд, ба ду гурӯҳи калидии ҳадафманд нигаронида шуда буд: омӯзгорон ва талабагон. Абзори таҳқиқот дар асоси маълумоти таҳқиқоти сифатӣ буд, ки нуқтаҳои ибтидоии зеринро барои таҳияи методологияи таҳқиқоти миқдорӣ ошкор намуд:

- Дарки таълими рақамӣ ва ангезаи таълим додан/хондан дар шкли рақами аз ҷониби гурӯҳҳои мухталифи тарафҳои манфиатдор;
- Омодагӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирот дар раванди таҳсил;
- Бовар доштан ба таҳсилоти рақамӣ;
- Дарк/муносибат ба талаботи махсуси талабагон;
- Дарк ва омодагӣ ба инноватсияҳо дар таълими рақамӣ;
- Омодагӣ ба истифодаи абзори рақамии таълим дар таҳсилоти минбаъда.

Анкета барои пурсиши талабагон аз 40 саволи дар 4 қисмат гурӯҳбандишуда иборат буд: 1) Тавсифи иҷтимоию демографии респондентон; (2) Муносибат дар оила ва мактаб; (3) Омодагӣ ба таълими рақамӣ; (4) Дарки таълими фосилавӣ.

Мафҳуми дарк ва худбаҳодиҳии таълими фосилавӣ бисёрчена буда, омилҳое ба мисли коммуникатсия, ҷалби талабагон, нармӣ, сарбории таълимӣ, дастгирии техникӣ ва малакаҳои педагогии омузгоронро дар бар мегирад. Анкета дарки таълими рақамиро чен кардааст ва аз панҷ зерҷадвал иборат буд:

1) *«Талаба»:* Қаноатмандии омӯзгорон аз рӯи шакл, навъ, суръат ва сифати муошировти дутарафа ва амали мутақобила бо талабагон муайян карда мешавад, ки ба ҷалб ва таълими талабагон мусоидат менамояд.
2) *«Омӯзгор»:* Қаноатмандии омӯзгорон дар натиҷаи раванди таълим, ки баъд аз ҳалоиҳагирии онлайн-курсҳо, таҳияи онҳо, гузаронидани дарсҳо ва баҳои талабагонро дар бар мегирад, ба даст оварда мешавад.
3) *«Ҳамкорон»:* Қаноатмандии омӯзгорон аз рӯи шиддати табодули таҷриба бо ҳамкорон-омӯзгорон муайян карда мешавад.

4) *«Падару модарон»:* Қаноатмандии омӯзгорон аз шиддати муошират бо падару модарони талабагон вобаста мебошад.

5) *«Муассисаи таълимӣ»:* Қаноатмандии омӯзгорон аз ҳаҷм, сифат ва дастгирии саривақтие ки муассисаҳои онҳо барои тахия ва баргузории самараноки онлайн-курсҳо пешниҳод менамояд, вобаста мебошад.

Ба респондентҳо арзёбии дараҷаи ризоят ё норозигии худро ба ҳар як тасдиқ аз рӯи ҷадвали 3-баллаи Лайкерт, ки аз гунаҳои "Мувофиқам", "Дилпур нестам" ва "Розӣ нестам" иборат буд, арзёбӣ кунанд. Қимати ҷадвали омодагии омӯзгорон ва талабагон ба таълими фосилавӣ ҳамчун фоизи тасдиқҳое ки респондентҳо ба онҳо ҷавоби мусбат додаанд, ҳисоб карда шудааст. Қимати ҷадвал аз 0 то 100 тағйир меёбад.

Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021 дар Тоҷикистон 3,884 мактаб амал мекард. Дар таҳқиқот интихоби думарҳалавии кластерӣ истифодакарда шудааст. Воҳиди ибтидоии интихоб мактабҳои таҳсилоти умумӣ буданд. Аз ҳар минтақаи кишвар ва шаҳрҳои калон (шаҳри Душанбе, вилояти Хатлон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд) аз рӯи методи интихоби табақабандии тасодуфӣ 20 мактаб аз рӯи параметрҳои зерин: навъи ноҳия (шаҳр ва деҳа), аз рӯи масофа, аз рӯи забони таълим интихоб карда шуданд. Дар воҳидҳои интихоби марҳалаи дуюм омӯзгорон ва талабагон аз рӯи методи муқаррарии интихоби тасодуфӣ интихоб карда шуданд. Дар ҳар мактаб 20 талаба ва 5 омӯзгор интихоб карда шуд. Дар натиҷа 500 омӯзгор ва 2000 талабаи синфҳои 8, 9, 10, 11 аз 100 мактаб пурсида шуданд.

**Ҷадвали 2.** *Интихоби истифодашуда*

| Маҳали гузаронидани таҳқиқот | Интихоби талабагони синфҳои 8-10 | Интихоби ҳайати омӯзгорон |
|---|---|---|
| Шаҳри Душанбе | 400 | 100 |
| Шаҳри Хуҷанд, вилояти Суғд | 400 | 100 |
| Вилояти Суғд | 400 | 100 |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 400 | 100 |
| Вилояти Хатлон | 400 | 100 |
| **Ҳамагӣ** | **2000** | **500** |

## 1.3. Географияи таҳқиқот

Фарогирии географии таҳқиқот дар ҷадвали поин пешниҳод шудааст. Чи тавре ки нишон дода шудааст, дар марҳалаи сифатӣ интихоби ҳадафмандона истифода карда шудааст, то бовар карда шавад, ки респондентҳо намояндагони гурӯҳҳо ва минтақаҳои мухталиф мебошанд. Дар марҳалаи миқдории таҳқиқот тавассути интихоби эҳтимолиятҳо ҷамъбасти натиҷаҳо барои минтақаҳои пурра таъмин карда шудааст. Дар поин ба фарогирии географии таҳқиқоти сифатӣ дар Ҷадвали 3 нигаред.

**Ҷадвали 3.** *Рӯихати маҳалҳои барои таҳқиқоти босифат интихобшуда*

| Вилоят/ноҳия/шаҳр | Асоснокунӣ |
|---|---|
| ш.Душанбе, ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Сино | Маҳалҳо бо миқдори зиёди муҳоҷирони дохилӣ, ҷомеаи ӯзбекон ва тарзи ҳаёти нисбатан сахти анъанавӣ. |
| деҳаи Ёгет, ноҳияи Дарвоз, ВМКБ | Деҳаи дурдасти кӯҳистон, ҷомеаи на он қадар калони пайрави *мазҳаби*[4] фарққунанда аз ҷомеаҳои ҳамсоя, дараҷаи баландтарини камбағалӣ дар кишвар. |
| ш. Хуҷанд, вилояти Суғд | Хуҷанд – шаҳри дуюми ҷумҳурӣ, дар шимоли кишвар, дар вилояти Суғд ҷойгир шудааст.<br>Вилояти Суғд, яке аз чаҳор музофоте ки дар шимолу ғарби кишвар ҷойгир шудааст. Барои он инфрасохтори суст рушдкарда, дурии мактабҳо, аҳолии махлуд (ӯзбекҳо ва тоҷикҳо) хос мебошад. |

[4] Истилоҳи васеъ паҳншудаи исломӣ, ки дар адабиёти илоҳиётшиносӣ барои нишон додани доктринаи таълим додашаванда истифода карда мешавад.

**Расми 1.** *Харитаи таҳқиқот дар Тоҷикистон*[5]




## 1.4. Методҳои назорати сифат ва таҳлили маълумот

Назорати сифати таҳқиқот бо роҳи баррасӣ ва мувофиқа кардан бо ҷомеаи коршиносон ва идораҳои дахлдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда шуд. Натиҷаҳои пешакӣ дар мулоқот бо намояндагони созмонҳои касбии давлатӣ, байналмиллалӣ ва ғайридавлатӣ, ки дар бахши маориф фаъолият менамоянд, баррасӣ карда шуданд.

Бо мақсади мутобиқат бо стандартҳои зарурии байналмиллалии ахлоқӣ, ҳангоми гузаронидани таҳқиқот методология ва абзори таҳқиқоти сифатӣ ва миқдорӣ аз тарафи Шӯрои ниҳодии мушоҳидаи донишгоҳи Амрико дар Осиёи Марказӣ (Бишкек) баррасӣ ва тасдиқ карда шуданд[6].

Тасдиқи хаттии Вазорати маориф ва илм барои гузаронидани таҳқиқот дар Тоҷикистон, бо дар бар гирифтани марҳалаҳои сифатӣ ва миқдорӣ , гирифта шуд. Мавҷудияти тасдиқи расмӣ дастрасии бемамониат ба кормандони макта, омӯзгорон ва идораҳои касбии дар бахши маориф коркунандаро таъмин намуд.

Абзори таҳқиқот пешакӣ дар маҳалҳо санҷида шуданд, баррасиҳои пилотӣ дар фокус-гурӯҳҳо бо падару модарон, талабагон ва омӯзгорон гузаронида шуданд. Барои ҷамъоварии маълумот дар ҳар як марҳалаи таҳқиқот, барои муҳаққиқони саҳрои ва координаторҳо брифингҳо гузаронида шуданд, ки дар онҳо ҳадафҳо, вазифаҳои таҳқиқ, стандартҳои ахлоқӣ, дизайни интихоб, методологияи ҷамъоварии маълумот ва қоидаҳои муносибат бо планшет баррасӣ гардиданд.

Интервюҳои шахсӣ бо истифодаи планшет аз рӯи анкетаи пешакӣ барномарезишуда, бароироҳ надодан ба иштибоҳоти стандартӣ ёрӣ расонд, зеро таъмини барномавӣ ба таври худкор гузаришҳои мураккаб дар анкетаро амалӣ ва интихоби ҷавобҳоро маҳдуд кард. Географияи интервюҳои гузаронидашуда бо роҳи фарогирии автоматии GPS-координатҳо тафтиш карда шуд. Назорати 20% ҳамаи интервюҳои гузаронидашудаи ҳар як интервюгиранда аз тарафи роҳбари мустақил тавассути алоқаи чандинкаратаи телефонӣ бо респондентҳо амалӣ карда шуд. Дар давоми ҳама марҳалаҳои корҳои сахрой тафтишоти мунтазам барои

[5] Research in Kyrgyzstan, Mongolia, Tajikistan - Google My Maps
[6] https://auca.kg/en/res_irb_home/

таъмини дуруст пур кардани анкета ва ворид намудани маълумот бо истифодаи сандуқи сохтаи маълумот дар платформаи SurveyCTO гузаронида шуданд.

Барои таҳлили маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ чандин метод ва абзори мувофиқ, бо дар бар гирифтани контент-таҳлил, дискурс-таҳлил ва таҳлили оморӣ, истифода карда шуданд. Аудиофайлҳои интервю ва ФГФ ба матнҳои рамзкушоишуда ба забонҳои русӣ ва тоҷикӣ табдил дода шуданд, баъдан маълумоти матн, бо дар бар гирифтани рӯзномаҳои мушоҳида, ба Atlas Ti барои кодикунонӣ ва таҳлили маълумот ворид карда шуданд. Таҳлил дар асоси матритсаи таҳия кардашуда гузаронида шуд. Коркарди маълумоти пурсиш ва таҳлили маълумоти ибтидоӣ бо истифодаи SPSS гузаронида шуданд. Қимати миёна барои тавсифи тағйирёбандаҳои миқдорӣ ва таҳлили такроршавандагӣ дар фоизҳо барои тавсифи тағйирёбандаҳои категориалӣ истифода карда шуданд. Таҳлили коррелятсионӣ низ бо истифодаи ҷадвалҳои бурида гузаранда ва ҳисобу китоби индекс коррелятсия гузаронида шуд. Амали санҷиш барои баркарор намудани таносубҳои вайроншуда дар "минтақаи" тағйирёбанда гузаронида шудааст.

# II. НАТИҶАҲОИ КАЛИДӢ

## 2.1. Асоси сиёсати таҳсилоти рақамӣ



Ҳуқуқ ба таҳсил дар Тоҷикистон кафолат дода шудааст. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсилоти ибтидоии бепул ва баробарии пурраи марду занро кафолат медиҳад. Моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[7].

Таърифи ҳуқуқии истилоҳи "таҳсили фосилавӣ" дар моддаи 1 Қонун "Дар бораи маориф" дода шудааст: "таҳсили фасилавӣ" шакли ташкили раванди таълим бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ мебошад, ки талимии фосилавиро бе таъсири мустақими шахсии байниҳамдигарии байни омӯзгорон ва талабагон имконпазир мегардонад"[8].

Бояд зикр намуд, ки дар ин таъриф истифодаи ТИК ба сифати ҳалқаи пайвасткунандаи байни омӯзгорони ба таври онлайн таълимдиҳанда ва талабагон таъкид карда мешавад, ҳамзамон, ба мисли дигар таърифҳое ки одатан субъектҳои байналмиллалӣ истифода мекунанд, тақсими омӯзгорон ва талабагон дар замон ва маконро таъкид мекунад ва тарзҳои мухталифи таҳсили фосилавиро баррасӣ менамоянд: таълими онлайн ва таълими омехта, ҳамчунин имконияти истифодаи маводи чопии тавассути почта дастрасшаванда, ва ё абзори дигар барои кам кардани фосилаи байни омӯзгорон ва талабагон. Сиёсати минбаъда ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ дар асоси таърифи ҳуқуқии ин мафҳум дар Тоҷикистон сохта шудаанд.

Боз, моддаи 6 Қонун "Дар бораи маориф" пешбинӣкарда шудааст, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бе шаҳрвандӣ ҳуқуқи интихоби муассисаи таълимӣ ва шакли таълимро доранд: рӯзона, шабона, ғоибона, оилавӣ, бо дар бар гирифтани шаклҳои ғоибона ва фосилавӣ. Бояд зикр намуд, ки дар Тоҷикистон ягон монеаи ҳуқуқӣ барои ҳама гуна таҳсилот вуҷуд надорад ва ин ҳуқуқ на танҳо ба шаҳр-вандони Тоҷикистон, балки ба хама дода шудааст.

Ислоҳоти ҷорӣ дар системаи маориф мутобиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 (СМРМ-2030) амалӣ карда мешаванд[9] ва афзалиятҳои миллии рушд ба ҲРУ мутобиқ мебошанд. Дар сектори маориф чандин барнома ва нақшаҳои соҳавӣ вуҷуд доранд, ки ба самтҳои мушаххаси СМРМ-2030, ба мисли компютерикунонӣ, омодасозии омӯзгорон, рушди инфрасохторва ғайра, мусоидат менамоянд. Ҳадафи асосӣ ва дарозмуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 ба вуҷуд овардани системаи самаранокки таҳсилот мебошад, ки имкониятҳои инклюзивӣ ва баробарро таъмин карда, ба рушди қобилиятҳо, рушди зеҳнӣ, шуғл ва беҳтар намудани некӯаҳволии умумии аҳолии Тоҷикистон мусоидат намояд[10]. Интизор меравад, ки ислоҳот системаеро месозанд, ки (а) барбарӣ ва ширкат дар таҳсилро таъмин менамояд; (б) сифат ва муҳимияти таҳсилро таъмин менамояд; ва (в) идоракунӣ дар бахши маорифро беҳтар менамояд.

Дар СМРМ-2030 зарурати васеъ намудани таълими фосилавӣ дар ҳамаи сатҳҳои таҳсил чандин бор такрор карда мешаваж. Вале ӯҳдадорӣ оид ба всеъ намудани дастрасӣ ба Интернет ва пайваст шудан ба он танҳо ба маълумоти олӣ дахл дораду бас. Стратегия барои гурӯҳҳои камбизоат таълими фосилавиро ҳамчун вариант танҳо барои одамони имкониятҳояшон маҳдуд баррасӣ мекунад. Чизе ки ба аққалиятҳои этникӣ дахл дорад, ҳамин аст, ки СМРМ камбуди омӯзгорони донандаи забонҳои аққалиятҳо ва ҳамчунин набудани маводи таълимӣ ба забонҳои онҳоро таъкид менамояд. Дар маҷмӯъ, СМРМ эътироф мекунад, ки бартараф намудани монеаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар роҳи таҳсилоти инклюзивӣ ҳамчун мушкил боқӣ мемонад. Бисёре аз бачагони имкониятҳояшон маҳдуд ва бачагони аққалиятҳои миллӣ дучори маргинализатсия мешаванд[11]. Дар ҳуҷҷатҳо нобаробарии гендерии ҳифзшуда дар синфҳои болоии мактабҳои миёна қайд карда мешавад.

31 августи соли 2022 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарор "Дар бораи Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2042"ро қабул кард[12]. Ҳадафҳои трансформатсияи рақамӣ дар таҳсилот баланд бардоштани салоҳияти омӯзгорон дар истифодаи технологияҳои рақмӣ, таҳияи маводи таълимӣ ва барномаҳо барои омӯзгорон, такмили таҷҳизоти техникии муассисаҳои таълимӣ, сохтани муҳити ягонаи рақамии таълим дар Тоҷикистон, таъмини дастрасии ҳамаи иштироккунандагони раванди таълим, гузариш ба технологияҳои рақмӣ ва ҳамчунин истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ ва оммавикунонии усули таълим дар муддати тамоми ҳаёт мебошанд.

Хулоса, қонунгузории Тоҷикистон рушди таҳсилоти рақамӣ дар кишварро маҳдуд наменамояд. Вале, таҳсилоти рақамӣ асосан барои гирифтани маълумоти олӣ ва ҳамчун вариант барои талабагоне ки ҷисман ба мктаб рафта наметавонанд, бо дар бар гирифтани кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд, баррасӣ карда мешавад.

---

[7] https://maorif.tj/storage/Dokument's/48777df424c65071168fda1cf7e19478.pdf
[8] https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/938447027103e1a6f6027a7a1f2b1f19.pdf
[9] https://www.globalpartnership.org/content/tajikistan-national-strategy-education-development-2021-2030
[10] https://www.globalpartnership.org/node/document/download?file=document/file/2020-12-tajikistan-education-sector-plan.pdf
[11] Ҳамон ҷо
[12] https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=32345212&pos=4;-106#pos=4;-106



## 2.2. Мушкилоти трансформатси рақами таҳсилоти мактабӣ

Вуруди Интернет ба Тоҷикистон, аз рӯи арзёбиҳои коршиносон, нисбат ба минтақа аз сатҳи миёна паст аст[13]. Аз рӯи ҳолати соли 2019 камтар аз 1% ҳавлиҳо дастрасии васеъ ба Интернет доштанд, асосан дар шаҳрҳои калон, ва танҳо 35% дастрасӣ ба Интернети мобилӣ доштанд[14]. Интернет барои аксарияти аҳолӣ неъмати ҳамчун қиматбаҳо боқӣ мемонад. Аз рӯи ҳолати августи соли 2021 Тоҷикистон дар рӯихати кишварҳо аз рӯи суръати Интернети мобилӣ бо 15,70 Мбит/с ҷои 131-ум ва аз рӯи рейтинги суръати Интернети васеътасма бо 33,85 Мбит/с. Ҷои 106-умро ишғол менамояд. Нархи миёнаи як гигабайти интернети мобилӣ 2,16 долларро ташкил медиҳад. Нархи дастрасии васеътасма ба Интернет низ баланд аст - 19,76 доллар як моҳ. Дар ин маврид кишвар дар қисмати охири рейтинги Индекси дастрас ба Интернет қарор дорад[15]. Вуруди Интернет ба кишваре ки соли 2020 26%-ро ташкил медод, дар аввали соли 2023 хеле баланд рафт ва 40,8%-ро ташкил дод[16]. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудияти мушкилоти дастрасӣ ба Интернетро эътироф мекунад ва роҳҳои ҳалли онҳоро меомӯзад[17]. Бояд зикр намуд, ки сатҳи дастрасӣ ба Интернет дар вобастагӣ аз минтақа сахт фарқ мекунад: сатҳи аз ҳама баланд дар шаҳри Душанбе ва аз ҳама пасттарин дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистони кишвар.

[13] Таджикистан: Анализ среды обмена интернет-трафиком. 2017. https://www.internetsociety.org/wp-content/uploads/2017/06/ISOC-Tajikistan-IXP-assessment-20170613_RU.pdf
[14] Цифровое будущее как альтернатива безработице или миграции. Всемирный Банк, 2021. https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/opinion/2021/03/01/in-tajikistan-a-digital-future-as-an-alternative-to-unemployment-or-migration
[15] Как развивается мобильная связь и Интернет в Центральной Азии. Кабар Азия, 2021. https://cabar.asia/ru/kak-razvivaetsya-mobilnaya-svyaz-i-internet-v-tsentralnoj-azii
[16] https://datareportal.com/reports/digital-2023-tajikistan?rq=tajikistan
[17] https://rus.azattyq.org/a/32690080.html

Дар Тоҷикистон ҷавонтарин аҳолӣ дар байни кишварҳои ИДМ зиндагӣ мекунад. Синнусоли миёнаи шаҳрвандон дар 2020 22,7-ро ташкил дод. Дар аввали соли 2023 шаҳрвандони то 15сола 33,9%ро ташкил доданд[18]. Афзоиши аҳолии кишвар аз соли 1991 то соли 2021 80%-ро ташкил дод[19]. Таваллуди бисёр ва афзоиши аҳолӣ ба пайдоиши шиддат дар системаи маориф, синфҳои пур аз талаба дар мактабҳо ва талаботи афзоянда ба мактабҳои хусусӣ ва хизматрасонии омӯзгорони хонагӣ оварда расонд[20]. Дар соли 2020 дар кишвар 63 мактаби хусусӣ амал мекард, ки дар онҳо 26 ҳазор талаба таҳсил мекард[21]. Камбуди омӯзгорони соҳибтахассус, ки талаботи шумораи афзояндаи донишҷӯёнро қонеъ гардонда тавонанд, ба мушоҳида мерасад. Мувофиқи маълумоти Вазорати маориф ва илм, дар охири соли 2022 дар кишвар 3940 мактаби миёна амал мекард, ки дар онҳо 128 827 омӯзгор кор мекард. Аз рӯи маълумоти Вазорати маориф ва илми ҶТ, дар кишвар қариб 3,4 ҳазор омӯзгор намерасад[22].

Васеъ намудани инфрасохтор ва харидорӣ кардани таҷҳизоти компютерӣ барои мактабҳо бо сабаби маҳдудияти сармоягузориҳои молиявӣ мураккаб гардидаанд. Шароити нисбатан хуби дастрасӣ ба ТИК дар Душанбе ва шароити аз ҳама мураккаб дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ вуҷуд доранд.

## 2.3. Дарки таҷрибаи таҳсилоти рақамӣ аз тарафи омӯзгорон ва талабагон



[18] Население Таджикистана в 2023 г. https://countrymeters.info/ru/Tajikistan#:~:text=Распределение%20населения%20по%20возрастным%20группам&text=В%20абсолютных%20цифрах%3А,921%20%2F%20женщин%3А%20195%20926)

[19] Рождаемость становится выше, а земли становится все меньше. Азия Плюс 2021. https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20210329/rozhdaemost-vsyo-vishe-zemli-vsyo-menshe

[20] Новые грани образовательного неравенства в странах Центральной Азии: от измерения проблемы до изменения политики. Фонд Сороса – Казахстан, 2021. https://www.soros.kz/wp-content/uploads/2022/01/Новые-грани-образовательного-неравенства-в-странах-ЦА.pdf

[21] https://cabar.asia/ru/tadzhikistan-roditeli-vozmushheny-trebovaniyami-chastnyh-shkol-v-period-koronavirusa?pdf=33736

[22] Как можно снизить нагрузку на школы в Таджикистане? Кабар Азия, 2023. https://cabar.asia/ru/kak-mozhno-razgruzit-shkoly-v-tadzhikistane#:~:text=По%20данным%20министра%20образования%20и,нехватка%20около%203%2C4%20тыс.

Дар асоси маълумоти пурсиш Индекси омодагӣ ба таҳсилоти рақамӣ аз тарафи омӯзгорон ва талабагон тартиб дода шуд. Ҷадвали индекси омодагӣ 5 омили худбаҳодиҳии омӯзгорон ва талабагон дар малакаҳои зеринро дар бар мегирифт:

1. *Малакаи таълими рақамӣ ва таҳияи курсҳо* — таҳияи курсҳо ва маводи таълимӣ барои онлайн-таълим, муваффақ шудан дар онлайн-таълим ва хоҳиши рушд додани чунин малакаҳо.

2. *Муошират рақамӣ* – бовармандӣ ба муошират лафзӣ/хаттӣ ва пешниҳод намудани алоқаи мутақобила ба талабагон.

3. *Малакаҳои ибтидоии кор бо компютер* – идоракунии файлҳо ва сохтани ҳуҷҷатҳо бо истифода аз замимаҳои Microsoft Office, фиристодан ва қабул кардани почтаи электронӣ, ҷустуҷӯи маводи таълимӣ дар Интернет ва шиносоӣ бо системаи идоракунии таълим.

4. *Малакаҳои пешрафтаи кор бо компютер* – малакаҳои рамзикунонии файлҳо ва сабти аудио ва видеоклипҳо.

5. *Истифодаи системаҳои идоракунии таълим* – созгорӣ ва бовармандӣ ҳангоми истифодаи системаҳои идоракунии таълим барои таҳия ва идоракунии курсҳо.

Омӯзгорон дар вилояти Суғд баҳои аз ҳама пастро амалан дар ҳамаи малакаҳои таълими рақамӣ ва таҳияи курсҳо нишон доданд. Аз рӯи баъзе малакаҳо баллҳои онҳо ду маротиба нисбат ба баллҳои омӯзгорон дар Душанбе, бо дар бар гирифтани қобилияти тафтиши кори талабагон дар дуздӣ (плагиат), муайян намудани натиҷаҳои ченшавандаи таълим дар мутобиқат бо потенсиали фаҳмиши талабагон ва ворид намудани мисолҳо аз ҳаёти воқеӣ дар онлайн-дарсҳо буд. Малакаи сохтани маводи рақмии баланд буд. Рейтинги индекса аз рӯи маҳалҳои таҳқиқот балли баландтаринро дар шаҳри Душанбе ва балли пасттаринро дар вилояти Суғд нишон дод.

Мувофиқи маълумоти пурсиш, Индекси омодагии омӯзгорон ва талабагон ба таълими рақамӣ дар Тоҷикистон нобаробар аст. Индекси умумии омодагӣ ба таълими рақамӣ дар омӯзгорон 64% ва дар донишҷӯён 55%-ро ташкил дод. Фарқи минималии байни омӯзгорон ва талабагон дар Душанбе буд: 70% дар омӯзгорон ва 67% дар талабагон. Нишондиҳандаи аз ҳама паст ва фарқи ниҳоӣ дар вилоя-ти Суғд буд: мутаносибан 55% ва 40%. Фарқи калон дар индекси малакаҳо дар байни талабагони вилояти Суғд ба мушоҳида мерасад, ки индекси ҷамъбастӣ ба туфайли малакаҳои банаворгирии видео таълим барои ҳамаи омӯзгорон душвор буд, аммо ба андозаҳои гуногун. Чунин малакаҳоро на зиёда аз нисфи омӯзгорони пурсидашуда доранд. Дар вилояти Суғд ин нишондиҳанда ҳамагӣ 37%-ро ташкил дод. Аз рӯи худбаҳодиҳии аксарияти омӯзгорон-респондентҳо, малакаҳои коммуникатсияи рақамӣ хеле баланд баҳогузорӣ шуданд, онҳо ҷавоб доданд, ки метавонанд саривақт ба дархостҳои талабагон вокуниш нишон диҳанд, низ эътироф

**Диаграммаи 1.** ***Индекси омодагӣ ба таҳсилоти рақамӣ***




карданд, ки ин муошират зинда/офлайн барои онҳо осонтар буд.

Дар мавриди малакаҳои ибтидоӣ ва пешрафтаи кор бо компютер, нишондиҳандаҳои омӯзгорони вилояти Хатлон паст буданд. Аҷиб, ки малакаи рушдёфтатарини омӯзгорон дар ҳамаи минтақаҳо сабти аудио/видео бо ёрии телефон, планшет ва компютер буд. Гузашта аз ин, дар вилояти Суғд, ки малакаҳои дигар аз миёна паст буд, аксарияти мутлақи омӯзгорони пурсидашуда (95%) ин корро карда метавонанд. Яқинан, сатҳи баланди соҳиби ин малака шудан вобаста ба банаворгирии видео бо камераҳои дарунӣ ва телефонҳои мобилӣ буд.

Дар мавриди малакаҳои таълими рақамӣ бояд гуфт, ки омӯзгорони НТҶ дар аксари мавриди истифодакунандагони фаъол буданд, ба ҳисоби миёна 10% зиёдтар аз маҳалҳои дигар. Ҳамин тавр, 37% омӯзгорони НТҶ малакаҳои ибтидоӣ ва пешрафтаи таълими рақамиро дар муқоиса бо чаҳоряки омӯзгорон дар Душанбе ва ҳарду вилоят нишон доданд.

**Диаграммаи 2.** *Индекси омодагии омӯзгорон ба таълими рақамӣ аз рӯи таҳқиқоти маҳаллӣ*




Омӯзгорони НТҶ нисбат ба омӯзгорони маҳалҳои дигар малакаҳои зиёди таълими воқеии рақамӣ ва таҳияи дарсҳои рақамиро нишон доданд. Барои омӯзгорон дар Душанбе кор кардан бо маҷаллаҳои электронӣ дар сатҳҳои пешрафта ва ибтидоӣ осон буд – ҳамагӣ 82%, омӯзгорони вилояти Суғд бо онҳо камтар шинос буданд – 15%.

Дар мавриди истифодаи таъминоти барномавии мушаххас аз тарафи омӯзгорон ҷавобҳои мухталиф гирифта шуд. Миқдори зиёди омӯзгороне ки бо муҳаррирони матн, ба мисли Microsoft Word, хуб кор мекунанд, дар вилояти Суғд буданд – 66%. Вазъият нисбат ба бо ҷадвалҳои электронӣ баробар буд: нисфи омӯзгорони пурсидаҳуда дар НТҶ ва чаҳоряки омӯзгорони пурсидашуда аз вилояти Хатлон бо онҳо кор карда метавонистанд. Аҷиб, ки сатҳи донистани PowerPoint дар ҳамаи маҳалҳои истиқоматӣ амалан якхела буд: ба ҳисоби миёна 42%, ба истсноии вилояти Хатлон – 21%.



Таҳқиқот нишон дод, ки омӯзгорон дар НТҶ (49%) беҳтар аз ҳама ***таъминоти махсусгардонидашудаи барномавӣ*** барои кор бо аудио ва видеофайлҳоро медонанд, дар вилояти Хатлон камтар (19%). Омӯзгорон дар НТҶ (37%) қайд карданд, ки таъминоти махсусгардонидашудаи барномавӣ оид ба таҳлил ва коркарди маълумотро низ хуб медонанд, нишондиҳандаҳои пасттарин дар вилояти Хатлон (13%) буд.

Бо вуҷуди ин, фикри омӯзгорон дар бораи ***амалҳои мушаххас бо техникаи рақамӣ***. Аз рӯи амалҳои муқаррарӣ (кор бо муҳаррири матн, ҷадвалҳои электронӣ, таҳрири расм, видео ваудиофайлҳо, сохтани презентатсияи электронӣ бо ёрии PowerPoint) нишондиҳандаҳои аз ҳама пасттарин дар вилояти Хатлон буданд. Омӯзгорони вилояти Суғд баъзан нишонаҳои баландтарин доштанд.

Фаъолияти зиёдтарини омӯзгорон ***муоширaт дар мессенҷерҳо*** (WhatsApp, Telegram) буд, дар НТҶ ва вилояти Хатлон аз онҳо танҳо нисфи респондентҳо истифода кардаанд. Ба ҷустуҷӯи ахбори мухталиф дар Интернет асосан омӯзгорони вилояти Суғд машғул буданд. Сеяки омӯзгорони вилояти Хатлон ягон навъи ин фаъолиятҳоро иҷро накарданд.

Ба ҳисоби миёна, нисфи омӯзгорони пурсидашуда изҳор намуданд, ки онҳо аз ***системаи идоракунии таълим*** хизматрасониҳои электронии дахлдор истифода карда метавонанд. Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаҳои пасттарин дар байни омӯзгорони вилояти Суғд ва баландтарин дар

шаҳри Душанбе буданд. Аз ҷумла, 90% омӯзгорони Душанбе изҳор намуданд, ки барои онҳо истифодаи журнали электронӣ барои ҳисобот дар бораи баҳоҳои талабагон осон аст.

Дар мавриди ***амалҳои мушаххас оид ба таълими рақамӣ*** бояд гуфт, ки мактабҳои Душанбе хеле фаъол буданд: нисфи респондентҳо нишон доданд, ки метавонанд супоришҳо, матнҳо ва натиҷаҳои тестҳоро чоп кунанд, Ҳамчунин супоршҳои иҷрошударо ҷамъ кунанд. Дар ҷои дуюм аз рӯи фаъолмандӣ омӯзгорони вилояти Суғд қарор доштанд. Зиёда аз нисфи омӯзгорони вилояти Хатлон ва НТҶ изҳор намуданд, ки ягон навъе аз ин фаъолиятҳоро дар кори худ истифода намекунанд.

Ҳангоми баррасии баҳои ***малакаҳои рақамии омӯзгорон*** шароити дар мактаб барои мустаҳкам намудани ин малакаҳо сохташуда омӯхта шуданд. Аз рӯи баҳои респондентҳо, вазъияти хеле хуб бо курсҳои мунтазами баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон дар НТҶ вуҷуд дорад. 66% омӯзгорон аз НТҶ нишон доданд, ки онҳо курсҳоро дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомузии соҳаи маориф гузаштаанд, ки нисбат ба омӯзгорон аз Душанбе, ки 48% аз курсҳо гузаштаанд, хеле баланд мебошад. Омӯзгорони НТҶ низ дараҷаи баланди иштирок дар курсҳои такмили ихтисос дар Донишкадаи вилоятӣ/Маркази такмили ихтисос (60%) ва Маркази миллии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Тоҷикистонро (63%) нишон доданд. Пурсиш дараҷаи нисбатан пасти фарогирии курсҳои баланд бардоштани тахассус дар вилояти Суғдро дар муқоиса бо минтақаҳои дигари таҳқиқот нишон дод.

Бо вуҷуди ин, бисёре аз омӯзгорон қайд карданд, ки дар мактабҳо ***шароит барои таълими рақамӣ*** муҳайё карда нашудааст. Ҷои корӣ бо дастрасӣ ба Инернет ба 48% омӯзгорон дар НТҶ, 40% дар вилояти Хатлон ва 53% дар вилояти Суғд пешниҳод карда шудааст. Дар Душанбе 83% омӯзгорон чунин ҷои корӣ доштанд. 64% омӯзгорон дар хона компютери дорои Интернет доштанд. Ин нишондиҳанда дар байни омӯзгорони вилояти Суғд камтар буд, дар вилояти Хатлон ва НТҶ нисфи омӯзгорон дар хона компютери дорои Интернет доштанд.

Омӯзиши таҷрибаи истифодаи ***сервисҳо ва абзорҳои таълими рақамӣ*** дар байни омӯзгорон гуногунии ҷавобҳоро нишон дод. Истифодакунандагони нисбатан фаъоли веб-сервисҳо барои берун кашидан ва тамошои видео (YouTube, Vimeo) омӯзгорони вилояти Суғд буданд (67%). Дар музофотҳои дигар ин нишондиҳанда 25-35%-ро нишон дод. Аз платформаҳо ва сервисҳои барои ташкили кори талабагон (Google Class, Microsoft Teams) бисёртар аз ҳама омӯзгорони НТҶ (44%) ва камтар аз ҳама омӯзгорони вилояти Суғд истифода кардаанд (18%).

Аз сервисҳои пурсишҳо ва тестикунонӣ, ба мисли Google Forms, Kahoot ва Mentimeter, омӯзгорон дар маҷмӯъ ба дараҷаи маҳдуд истифода кардаанд:

- Истифодаи аз ҳад зиёд дар Душанбе ба мушоҳида расидааст – 19% омӯзгорони пурсидашуда, аз ҳад кам дар НТҶ – 5%.
- Қариб сеяки омӯзгорони Душанбе ва вилояти Суғд аз китобхонаҳои ба ҳама дастраси электронӣ, маҷаллаҳои электронӣ, версияҳои электронии маҷаллаҳои чопӣ мутаносибан 32% ва 27% истифода кардаанд.
- Дар вилояти Хатлон ва НТҶ аз китобхонаҳо ва маҷаллаҳои электронӣ мутаносибан 17% ва 13% истифода кардаанд.
- Аз сайти мактаб сеяки омӯзгорон дар Душанбе истифода кардаанд, дар маҳалҳои дигари истиқоматӣ хеле кам – аз 14% то 5%.
- Аз сервисҳои “фазои” камтар аз 10% пурсидашудагон дар Душанбе ва Суғд ва 3% дар вилояти Хатлон ва НТҶ истифода кардаанд.
- 41% омӯзгорони вилояти Хатлон ҷавоб доданд, ки аз ягон сервис ва абзори номбаршуда истифода намекунанд. Дар НТҶ ин нишондиҳанда 22%, дар вилояти Суғд – 17% ва дар Душанбе – 14%-ро нишон дод.




Аз нуқтаи назари ***таъминоти мактабҳо бо захираҳои рақамӣ*** дастрасӣ ба захираҳои таълими электронӣ фарқи калони байни мактабҳои пойтахт ва минтақаҳоро нишон дод. Аз рӯи ҷавобҳои омӯзгорон, аз маҷаллаҳои электронӣ танҳо дар мактабҳои Душанбе васеъ истифода карда шудааст.  Бо вуҷуди ин, танҳо нисфи мактабҳои Душанбе (56%),чаҳоряки мктабҳои вилояти Суғд (25%)панҷяки мактабҳои вилояти Хатлон (19%) ва қариб даҳяки мактабҳои НТҶ дастрасӣ ба Интернет барои гузаронидани дарсҳоро доштанд. Тестҳои рақамии таълимӣ, маводи методӣ ва захираҳои таълимӣ тақрибан дар чаҳоряки мактабҳои Душанбе истифода шудаанд, дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон – дар даҳяки мактабҳо  ва аз ҳама камтар дар мактабҳои НТҶ – 5-6%.

***“Мо тахтаҳои электронӣ дорем, аммо истифода намекунем. Вақте онҳоро овардангд, эҳтимол баъзеқисмҳои эҳтиётӣ набуданд... мо натавонистем онҳоро ба кор дароварем”*** **(Интервю, Дарвоз).**

***«Дар мактаби мо интернет нест, дар хона аз интернети мобилӣ истифода мекунем, аммо он хеле қимат аст”*** **(Интервью, Омӯзгор, Суғд).**

***«Дар синфхонакадом як тахтаро мебинем, аммо намефаҳмем, ки он чист. Дар синф аз компютер истифода намекунем. Дар кабинети информатика компютерҳо ҳастанд. Чаҳортоаш кор мекунад, вале вақте мо мехоҳем аз онҳо истифода кунем, омӯзгори информатика ба мо намегузорад »*** **(ФБГ, мактаббачагон, Дарвоз).**

***«Одатан мо онҳоро барои бозӣ истифода мекунем ва вақте фаҳмидем ки бо интернет ба мисли телефон гап задан мумкин  аст, дар ҳайрат мондем. Мо дар  Microsoft Word кор крда метавонем, аммо PowerPoint-ро намедонем»*** **(донишҷӯён, ФБГ, Дарвоз).**

Аз рӯи малумоти пурсиш дар бораи ***малакаҳои рақамии донишҷӯён,*** ҷавобҳо нобаробар тақсим шуданд. Талабагони вилояти Суғд дар аксари маврид нисбат ба донишҷӯёни Душанбе ва НТҶ натиҷаҳои ду баробар бад нишон доданд. Малакаҳои муоширати рақамӣ дар байни талабагон нисбат ба омӯзгоронашон пасттар баҳогузорӣ шудаанд. Баллҳои пасттарин, махсусан оид ба омодагии фавран вокуниш нишон додан ба дархостҳои омӯзгорон, дар талабагони вилояти Суғд ба мушоҳида расид.

**Диаграммаи 3.** *Индекси омодагии талабагон ба таълими рақамӣ аз рӯи таҳқиқоти маҳаллӣ*




Таҳлили ***малакаҳои ибтидоӣ ва пешрафтаи кор бо компютер дар байни талабагон*** низ нишон дод, ки аз рӯи бисёр малакаҳо вилояти Хатлон аз Душанбе, ба ҳисоби миёна 10%, ақиб мемонад. Дар ҳамаи минтақаҳо сатҳи ниҳоят пасти малакаҳои кор бо почтаи электронӣ ошкор карда шуд: ба ҳисоби миёна танҳо сеяки респондентҳо изҳор доштанд, ки чи тавр истифода кардан аз почтаи электрониро медонанд. Сабаб он аст, ки имрӯз барои табодули файлҳо мессенҷерҳое ба мисли WhatsApp истифода карда мешаванд. Вале дар байни мактаббачагон ва низ омӯзгорон қобилияти сабти видео/аудио бо ёрии телефон, планшет ё компютер малакаи аз ҳама зиёд рушдкарда дар ҳамаи минтақаҳобуд.

Истифодаи хизматрасонии ***таълими электронӣ*** дар байни талабагон нисбат ба омӯзгорон хеле баланд буд. Нишондиҳандаи аз ҳама баланд дар байни талабагони шаҳри Душанбе ва аз ҳама паст дар вилояти Суғд буд: агар дар Душанбе 73% талабагон истифода аз рӯзномаи электрониро созгор ҳисобанд, пас, дар вилояти Суғд бо ин ақида танҳо 7% донишҷӯён розӣ шуданду бас. Дар маҷмӯъ, хизматрасониҳои таълими электронӣ, ба мисли GoogleClass, Moodle, Foxford, Домашняя школа ИнтернетУрок.ру ва ғайра танҳо барои нисфи талабагони Душанбе ва сеяки талабагони вилояти Хатлон фаҳмо ва созгор буд.

Таҳқиқот ошкор намуд, ки омӯзгорон имкониятҳои маҳдуди рушди касбӣ дар соҳаҳои вобаста ба истифодаи ТИК дар таълимро доранд. Ба истисноӣ омӯзгорони ТИК, ҳатман бояд курсҳои такмили ихтисосро гузаранд, танҳо 3% омӯзгорон имконияти гузаштани курсҳои такмили ихтисос ва тренингҳои бахшида ба мавзӯъҳои вобаста ба ТИК ё рақамикунонии таълимро доштанд. Дар рафти ФБГ ва интервю бо падару модарон, омӯзгорон ва талабагон мавзӯи салоҳияти рақамии омӯзгорон ба таври мураттаб баррасӣ шуд.

*“Ба фикри ман, талабагон нисбат ба мо, омӯзгорон, салоҳияти зиёдтар доранд. Вақте ба душвории вайрон шудани компютерҳо, принтерҳо ва ғайра вомехӯрем, аз талабагон илтимос мекунем, ки онҳоро соз кунанд”*
(Интервю, Омӯзгор, Дарвоз)

*“Ба ман дарсҳои ТИК маъқул нестанд. Ҳис мекунам, ки аз омӯзгорам зиёдтар медонам”*
(ФБГ, Донишҷӯ, Душанбе)

*“Ба фикри ман, ба ман зарур аст, ки аввал худам онро ёд бигирам, баъд ба талабагон омӯзонам ё чӣ тавр аз он истифода карданро фаҳмонам”*
(Интервю, омӯзгор, Суғд)

## 2.4. Ошкор намудани омилҳои осебпазирӣ

***Ҷанбаҳои минтақавии нобаробарӣ ва омодагӣ ба таълими рақамӣ.*** Омӯзгорони вилояти Суғд, новобаста аз балли паст оид ба индекси умумии омодагӣ ба таълими рақамӣ, дар бораи баъзе салоҳиятҳо дар малакаҳои мушаххаси рақамӣ хабар доданд. Масалан, онҳо аз баъзе сервисҳо нисбатан фаъолона истифода кардаанд, аз ҷумла видео (YouTube, Vimeo) видеоҳоро гузоштаанд ва тамошо кардаанд ва нисбат ба дигар омӯзгорон ахбори заруриро дар Интернет ҷустуҷӯ кардаанд. Ҳамчунин дар байни омӯзгорони вилояти Суғд истифодабарандагони нисбатан пешрафтаи муҳаррирони матнҳо, ба мисли Word буданд. Ҳамзамон, омӯзгорон дар муқоиса бо омӯзгорон аз маҳалҳои дигари пурсиш, дастрасии кам ба курсҳои такмили ихтисос доштанд.



Мувофиқи пурсиш, омӯзгорони вилояти Хатлон аз абзори рақамӣ ва сервисҳо барои таълими рақамӣ аз ҳама кам истифода кардаанд. Онҳо ҳамчунин аз таъминоти махсусгардонидашудаи барномавӣ барои коркарди видео/аудио ва ҳам барои кор бо маълумот кам истифода кардаанд.

Гарчанде омӯзгорон дар НТҶ аз рӯи малакаҳо ва салоҳиятҳои ба ҳисоби индекси омодагӣ ба таълими рақамӣ воридгардида ақиб мондаанд, онҳо тарафдории суст аз тарафи мактабро қайд кардаанд. Ҳамин тавр, аз рӯи ақидаи омӯзгорони пурсидашуда дар НТҶ,

онҳо имконияти ками пайваст шудан ба Интернет барои дарсҳо ва дастрасӣ пайдо кардан маводи таълимии рақамӣ ва захираҳои таълимӣ доштанд. Новобаста аз ин, омӯзгорони НТЧ дар бораи истифодаи фаъолонаи платформаҳо ва хизматрасониҳо таълимӣ ва баллҳои баланд оид малакаҳои таълими рақамӣ хабар доданд. Яке аз омилҳои мусоидакунанда ба сатҳи баланди омодагӣӣ омӯзгорони НТЧ шояд вазъи нисбатан муносиб бо имкониятҳои рушди касбӣ бошад.

***Ҷанбаҳои гендерии омодагӣ ба таълими рақамӣ.*** Мувофиқи таҳқиқот, писарон дар малакаҳои таълими рақамӣ, ҳамчунин дар малакаҳои ибтидоӣ ва пешрафтаи каопютерӣ аз духтарон пеш рафтаанд. Нишондиҳандаҳо оид ба малакаҳои таълими рақамӣ каме аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Вадар натиҷа, писарон дар индекси умумӣ ба таълими рақамӣ нисбатан омода буданд.

**Диаграммаи 4.** *Индекси омодагӣ ба таълими рақамӣ аз рӯи ҷинсият ва маҳали таҳқиқот*



Дар мавриди дастрасӣ ба смартфонҳо ва планшетҳо бояд гуфт, ки дар ҳамаи минтақаҳо ҳам писарон ва ҳам духтарон афзоиши чашмраси миқдори соҳибони смартфонҳоро дар замони COVID-19 ва баъд аз он, дар муқоиса бо давраи то COVID-19, намоиш доданд. Дар Душанбе афзоиш дар байни писарон нисбат ба духтарон баланд аст. То COVID-19 қариб 45% писарон ва 49% духтарон смартфон доштанд, аммо дар замони COVID-19 ва баъд аз он Ин нишондиҳанда то 55,3% барои писарон ва 50,7% барои духтарон афзуд. Дар минтақаҳои дигар афзоиш барои ҳарду гурӯҳ баланд аст. Аҷиб, ки дар ҳамаи минтақаҳо дар байни духтарон фоизи доштани самартфон нисбат ба писарон баланд аст. Масалан, дар вилояти Хатлон 78,3% духтарон дар замони COVID-19 ва баъд аз он смартфон доштанд, ин фоиз дар байни писарон 68,8ро ташкил медод. Бо компютерҳо/ноутбукҳо/планшетҳо вазъият мураккаб буд. Дар ҳамаи минтақаҳо, ҳам барои писарон ва ҳам барои духтарон (ба истисони вилояти Хатлон барои писарон), пастшавии ҳиссаи кӯдакони донандаи компютер/ноутбука/планшет дар замо-ни COVID-19 ва баъд аз он дар муқоиса бо давраи то COVID-19 ба мушоҳида мерасид. Дар ҳамаи маҳалҳои гузаронида-ни пурсиш писарон нисбат ба духтарон зиёдтар смартфон доштанд. Ин фарқият дар Душанбе камтар ва дар вилояти Суғд ва НТҶ зиёдтар буд.

*“Аксарияти одамон компютер надоранд. Дар маҳаллаи мо ҳамагӣ 5-6 оила компютер доранд”.* (БФГ бо падару модарон, Дарвоз)

*“...аммо метавон бо ёрии планшет ё смартфон дарс хонд, на ҳар кас смартфон дорад”.* (БФГ бо падару модарон, Дарвоз)

*“Фикр мекунам, ба баъзе талабагоне ки имконияти харидани смартфон ё планшет надоранд, ин чизҳоро дастрас кардан лозим аст, омӯзгорон бояд маълумотро дар Интернет ёбанд ва онро барои талабагон дастрас созанд”.* (БФГ бо падару модарон, Душанбе)

*“Ман натавонистам ин замима [e-donish]-ро дар телефони худ ҳангоми вохӯрӣ дар мактаб ыойгир кунам, баъдан омӯзгор ба мураххасии ҳомиладорӣ рафт”.* (БФГ бо падару модарон, Душанбе)

*“пештар моро аз кӯча сур меакарданд ҳарчанд мо рафтан намехостем, зеро хурсандона бозӣ мекардем. Ҳоло бачагон ба бозӣ дар планшет ва компютер машғуланд, ба кӯча рондани онҳо душвор аст”.* (БФГ бо падару модарон, Суғд)

*“Тамоми мактабҳоро бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудан лозим аст. Ҳамчунин баъзе падарумодаронро низ бо таҷҳизоти зарурӣ аъмин намудан лозим аст, чунки бисёриҳо дар чандин ҷой кор мекунанд ва имкони бо компютер таъмин намудани бачагонашонро надоранд”.* (БФГ бо падару модарон, Суғд)

**Ҷадвали 4.** *Мавҷудият вадастрасӣ басмартфон дар тақсим кардан аз рӯи ҷинсият ва маҳалли таҳқиқот (%)*

| | | Кай соҳиби смартфон шудед? | | Кай ноутбук/компьютер/планшети худро гирифтед? | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Маҳал** | **Ҷинсият** | **То COVID-19** | **Дар вақти COVID-19 ва баъд аз он** | **Маҳал** | **Ҷинсият** |
| Душанбе | Писарон | 44,7 | 55,3 | Душанбе | Писарон |
| | Духтарон | 49,2 | 50,8 | | Духтарон |
| Вилояти Суғд | Писарон | 36,8 | 63,2 | Вилояти Суғд | Писарон |
| | Духтарон | 32,4 | 67,6 | | Духтарон |
| Вилояти Хатлон | Писарон | 31,3 | 68,8 | Вилояти Хатлон | Писарон |
| | Духтарон | 21,7 | 78,3 | | Духтарон |
| НТҶ | Писарон | 44,7 | 55,3 | НТҶ | Писарон |
| | Духтарон | 41,7 | 58,3 | | Духтарон |

Аз баррасиҳои фокус-гурӯҳӣ бо духтарони синфҳои  9-11, Душанбе:

*“Дар хона ба таҳсили писарон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад, ба духтарон мегӯянд, ки онҳо бояд корҳои хонагиро ёд гирнд, зеро духтарон ба шавҳар мебароянд. Азбаски писарон мардониояндаанд, бояд хонанд ва оилаҳои худро таъмин намоянд. Бино бар ҳамин, ба таҳсили духтарон диққати ҷиддӣ намедиҳанд”.*

*“Қисми зиёди кори хонаро ман мекунам, зеро фарзанди калонии оила ҳастам. Хӯрок мепазам, либос мешӯям ва хонаро рӯбучин мекунм. Баъзан модарам ва бародарам ёрӣ медиҳанд”.*

*“Қариб тамоми кори хонаро ман мекунам, гарчанде падарам мегӯяд, ки бародарам бояд ба ман ёрдам кунад, аммо ӯ кор кардан намехоҳад ва ман ҳамаи корро худам мекунам”.*

*“Албатта, баъзан мо бисёр кор мекунем, аммо мо ба кор одат кардаем. Вақте ба кори хона машғул мешавем, гӯшкунакҳоро ба гӯшамон меовезем. Мавзӯи дарси англиси-ро мешунавем, ё вазифаи имтиҳониро дар телефонамон менависем. Низ аз китобхона  компакт-дискҳо ба забони англисӣ мегирем ва ҳангоми иҷро кардани кори хона онҳоро ба ба DVD-плейер гузошта, гӯш мекунем”.*

Дар маҷмӯъ, маълумоти пурсиш тақсимшавии идомаёбандаи кори хонаро аз рӯи ҷинсият нишон доданд, махсусан дар НТҶ, вилоятҳои Суғд ва Хатлон.  Дар он ҷойҳо духтарон қайд карданд, ки вақти зиёдро ба хариди маҳсулот, кор дар ферма, нигоҳубини ҳайвонот вачаронидани онҳо сарф мекунанд. Дар пойтахт нигоҳубини додарон ва хоҳарон, харидани маҳсулот дар дохили оила нисбатан баробар тақсим шудааст.

Дар ҳамаи марказҳои таҳқиқотӣ вазифаҳои гендерию нейтралии хонагӣ, аз ҷумла нигоҳубини додарон ва хоҳарон, алавмонӣ дар бухорӣ ва обкашӣ лар байни духтарон ва писарон қариб, ки баробар тақсим шудааст.

*“Ман намедонам, ки маълумот гирифтани духтарон лозим аст ё не. Духтарамро ба шавҳар додам,баъд чӣ? Говҳоро нигонигоҳубин мекунад, кори хона ҳам бисёр. Эҳтимол, духтаронро ба кори хона одат кунондан лозим аст, то ки аз хушдоманашон гап нашунаванд”.* (БФГ бо падару модарон, Душанбе)

*“Ҳамаи моро хондан намемонданд. Мо чаҳор духтар ва як писар мебошем, ҳамаи духтарон то синфи ҳафтум хондаанд”.* (БФГ бо падару модарон,Хуҷанд)

*“...падару модарам намехоҳанд, ки ман масхҷгар бошам. Модарам мехоҳад, ки курси масҳро гузараму дар хона масҳ кунам. Падарам то ҳоло намедонад, ки мо духтарон хонем ё не. Модарам таҳдид мекунад, ки агар сар нафурорам,* маро аз мактаб мгирад. Бино бар ҳамин, гуфта наметавонам, ки нақшаҳои ман амалӣ мешаванд. Метаво-нам аз онҳо умедвор бошам”. (БФГ бо донишҷӯён, Душанбе)

Аҷиб аст, ки аз рӯи ҷавобҳои талабагон, талаботи “фақат нағз хондан” дар Душанбе ва вилояти Суғд, ҳам дар байни духтарон ва ҳам дар байни писарон, баробар паҳн шудааст. Дар НТҶ ҷавобҳо ба талаботе ки ба духтарон пешниҳод карда мешаванд, зиёд буд.

**Ҷадвали 5.** *Корҳои хонагӣ аз рӯи ҷинсият ва маҳали таҳқиқот*

| Кори Хона | ш.Душанбе (N=400) % | | Вилояти Сугд. (N=800) % | | Вилояти Хатлон. (N=400) % | | НТҶ (N=400) % | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон |
| Ман бояд фақат нағз хонам | 84 | 85 | 95 | 92 | 70 | 65 | 86 | 62 |
| Рӯбучини хона | 61 | 23 | 95 | 22 | 82 | 7 | 83 | 10 |
| Шустани зарфҳо | 29 | 12 | 82 | 11 | 58 | 2 | 70 | 4 |
| Мыть посуду | 47 | 19 | 93 | 22 | 69 | 5 | 77 | 6 |
| Нигоҳубини хурдон | 31 | 27 | 67 | 56 | 33 | 26 | 46 | 19 |
| Пухтани таом | 29 | 14 | 77 | 19 | 59 | 4 | 59 | 8 |
| Оташ гирондан дар бухорӣ | 1 | 4 | 15 | 27 | 19 | 19 | 12 | 13 |
| Об овардан | 5 | 9 | 24 | 48 | 27 | 30 | 38 | 24 |
| Хариди маводи ғизоӣ | 23 | 28 | 45 | 76 | 11 | 28 | 32 | 58 |
| Нигоҳубин ва чарондани ҳайвонот | 0 | 2 | 11 | 41 | 13 | 51 | 5 | 32 |
| Корҳои кишоварзӣ | 2 | 10 | 30 | 61 | 18 | 63 | 18 | 51 |
| Ягон кас | | 3 | | | | 1 | 0 | 2 |
| Корҳои дигар | 1 | 5 | 0 | 0 | 2 | 2 | 0 | 2 |

Далели он, ки писарон бо эҳтимолияти зиёд кор мекунанд ва оиларо аз ҷиҳати моддӣ таъмин менамоянд ва аз духтарон бо эҳтимолияти зиёд иҷрои нақши “хонагиро” интизор мешаванд, дар ҷавобҳо ба ду саволи минбаъда дар Ҷадвали 6 дида мешаванд. Ба ҳисоби миёна, духтарон се маротиба зиёд нишон медиҳанд, ки ба падару модарон барои пул кор кардан ёрӣ мерасонанд. Падару модарон писаронро нисбат ба духтарон зиёдтар ба маҳфилҳо, сексияҳо ва дигар чорабиниҳои берунազсинфӣ мебаранд.

**Ҷадвали 6.** *Фаъолияти якҷоя бо падару модар аз рӯи ҷинсият ва маҳали таҳқиқот*

| Якҷоя бо падару модар чӣ кор мекунед? | ш.Душанбе (N=400) % | | Вилояти Сугд. (N=800) % | | Вилояти Хатлон. (N=400) % | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон |
| Ба падару модар барои пул кор кардан ёрӣ мерасонам | 4 | 11 | 9 | 30 | 7 | 26 | 10 | 27 |
| Падару модарам маро ба машғулиятҳои/маҳфилҳои берунասинфӣ мебаранд | 18 | 25 | 42 | 56 | 12 | 21 | 14 | 32 |

Дар байни омилҳое ки ба муваффақии талабагон дар замони COVID-19 таъсир мерасонанд, респондентҳо душворӣ дар тақсимоти фазо ва захираҳои дигар бо додарон ва хоҳарон ва ҳам дар вазифаҳои иловагӣ мебошад. Зарурати ёрӣ расонидан ба додарон ва хоҳарон дар таҳсил дар замони COVID-19 ҳадди ақал дар нисфи талабагони пурсидашуда пайдо шудааст. Бо вуҷуди ин, фарқи гендерӣ дар ин масъала танҳо дар вилояти Суғд ва НТҶ, ки ин вазифа дар аксари маврид ба дӯши духтарон гузошта шудааст, ба қайд гирифта шудааст. Дар Душанбе фарқи гендерӣ ночиз аст.

Боз як вазифаи иловагӣ, ки дар замони пандемияи COVID-19 пайдо шудааст, нигоҳубини аъзои бемори оила мебошад.Дар Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ин вазифаро бисёртар ба ӯҳдаи духтарон гузоштаанд. Танҳо дар НТҶ писарони зиёд дар бораи масъулияти иловагӣ хабар додаанд.

**Ҷадвали 7.** *Вазифаҳои иловагии дар вақти пандемия пайдошуда (аз рӯи ҷинсият ва маҳал)*

| Вазифаҳои иловагӣ | ш.Душанбе (N=400) % | | Вилояти Сугд. (N=800) % | | Вилояти Хатлон. (N=400) % | | НТҶ (N=400) % | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон | Духтарон | Писарон |
| Ёрӣ расондан ба хониши додарону хоҳарон | 35 | 34 | 46 | 36 | 45 | 41 | 54 | 38 |
| Нигоҳубини аъзои оилаи бемор | 22 | 17 | 27 | 17 | 14 | 10 | 12 | 17 |

*“Бале. Бисёр мехоҳам, аммо намедонам, шавҳараш ӯро барои рафтан ба донишгоҳ иҷозад медиҳад ё не”.*

*“Бале, мехоҳам онҳоро соҳиби маълумот кунам, аммо духтари дуюмам ба дӯзандагӣ шавқ дорад. Оро додани духтарон. Нақшу нигор кардани онҳо ва ғайраро дӯст медорад. Аммо падараш ҳаргиз иҷозат намедиҳад, ки дар ин соҳа кор кунад”.*

(Аз интервю бо падару модарон, Душанбе)



Талабагони шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд дар мактабҳои тоҷикӣ ва русӣ омодагии аз ҳама зиёд ба таълими рақамиро нишон доданд, талабагони мактабҳои дигар аз паси онҳо мераванд. Дар вилояти Хатлон талабагони мактаби русӣ, дар НТҶ талабагони мактабҳои тоҷикӣ ва русӣ ба таълими рақамӣ пурра тайёр буданд.

Дар таҳқиқот муносибат ба таълими рақамӣ дар вобастагӣ ***аз забони таълим дар мактабҳо*** баррасӣ карда шуданд. Дар Душанбе бо имконияти интихоби шакли таълим, ҳам дар мактабҳои тоҷикӣ ва ҳам дар мактабҳои русӣ, аксарияти талабагон шакли анъанавии таълим дар мактабро интихоб кардан мехостанд. Дар мактабҳои тоҷикӣ ва русӣ дар аксари маврид шакли омехтаро интихоб карданд – як қисми ҳафта фосилавӣ, қисми дигар анъанавӣ. Ҳамин тавр, дар вилояти Суғд аксарияти талабагони ҳамаи мактабҳо (тоҷикӣ, русӣ, омехта) шакли анъанавии таълимро бартар медонанд.

Дар вилояти Хатлон дар мактабҳои тоҷикӣ ва мактабҳои омехта (забони таълим ҳам тоҷикӣ ва ҳам русӣ) аксарияти талабагон низ бартариятро ба таълими шакли онлайн додан мехостанд. Дар НТҶ танҳо дар мактабҳои русӣ аксарияти талабагон қайд карданд, ки шакли анъанавии таълим дар мактабро беҳтар медонанд. Дар мактабҳои омехта (забони таълим тоҷикӣ ва русӣ, ҳамчунин тоҷикӣ ва қирғизӣ) одамони зиёд шакли рақамии таълимиро беҳтар медонанд. Дар мактабҳои тоҷикӣ ақида дар бораи таълими рақамӣ ва анъанавӣ баробар буд.

Ҳангоми таҳқиқот омодагӣ ба таълими рақамӣ дар асоси забони муошират дар хона, бачагоне нисбатан омода буданд, ки дар оила ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ гап мезаданд (индекси омодагӣ 75). Ҷои думро оид ба омодагӣ бачагони оилаҳо бо забонҳои гуногуни муошират, тоҷикӣ, русӣ, ва ӯзбекӣ ишғол намуданд (индекси омодагӣ 71). Дар ҷои сеюм бачагони ба забони пушту гапзананда (индекси омодагӣ 63), ҳамчунин бачагоне ки ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ гап мезаданд, қарор доштанд (индекси омодагӣ 63). Бачагони дар хона ба забонҳои тоҷикӣ ва қирғизӣ гапзананда (индекси омодагӣ 54) ва ҳамчунин бачагоне ки дар хона ба забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ гап мезаданд (индекси омодагӣ 63) ба таълими рақамӣ камтар омода буданд.

Дар байни онҳое ки дар хона танҳо ба забони тоҷикӣ гап мезаданд, дар аксари маврид шакли анъанавии таълим дар мактабро беҳтар медонистанд (дар Душанбе, вилоятҳои Суғд ва Хатлон). Дар НТҶ фарзандони чунин оилаҳо дар аксари маврид шакли рақамии таълимро интихоб мекарданд. Фарзандони оилаҳои ӯзбекзабон дар ҳамаи маҳалҳои истиқоматӣ шакли анъанавии таълимро беҳтар медонанд. Ақидаҳои дигар дар байни шаклҳои анъанавӣ ва омехтаи таълим (як қисми ҳафта фосилавӣ, қисми дигар анъанавӣ) тақсим шуданд.

Бартар донистани шакли таълим бо дарназардошти маҳали истиқомат ба таври зерин тақсим шуд. Шакли анъанавии таълимро аксарияти талабагони Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон беҳтар донистанд. Вале дар НТҶ бартарият дар байни шаклҳои рақамӣ ва анъанавии таълим баробар тақсим шуд.

## 2.5. Ташаббусҳо ва инноватсияҳо

Гарчанде таълими фосилавӣ дар Тоҷикистон дар замони пандемия васеъ паҳн нашуд, таҳқиқот чандин ташаббус оид ба пешбурди рақамикунонии маорифро, ки соли 2020 шурӯъ шуда буд, ошкор намуд. Қариб дар ҳамаи мавридҳо ин шарикӣ дар байни вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмонҳои байналмиллалӣ буд. Соли 2020 Вазорати маорф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо ва ЮНИСЕФ портали таълими рақамии ***Maktab mobile***[23]-ро роҳандозӣ кард. Портал аз платформаи дорои интерфайси муқаррарӣ ва осон барои аълими фосилавӣ иборат буд, ки барои омӯзгорон ва талабагон таҳия шуда буд. Он видео, китобҳои электронӣ, контенти интерактивиро нигоҳ медорад, имкони истифода ва табодули контент дар реҷаи автоматӣ, идора кардани синфҳо васупоришҳо, ҳамчунин паҳн кардани нақшаҳои дарсҳо вавазифаҳо оид ба рушди касбиро фароҳам меоварад. Он ҳам дар реҷаи онлайн ва ҳам дар реҷаи офлайн кор мекунад ва ба дастгирии омӯзгорон, талабагон ва падару модарони онҳо нигаронида шудааст. Васеъ намудани платформаи ***Maktab Mobile*** бо дастгирии ЮНИСЕФ барои хизматрасонӣ ба 2 195 619 талабаи мактабҳои миёна ва ибтидоӣ дар Тоҷикистон дар давоми соли хониши 2022-2023 таъин шуда буд. Ҳам талабагон, ҳам омӯзгорон ва ҳамчунин падару модарон метавонистанд ба ин маводи рақамӣ ба шаклҳои онлайн ва офлайн,тавассути веб-браузерҳо, таҷҳизоти мобилӣ ва замимаҳо дастрасӣ пайдо намоянд[24].

Комплекти аввалини теледарсҳо барои синфҳои 9-11 дар доираи барномаи вокуниши фаврӣ, ки моҳҳои май – июли соли 2020 шурӯъ шуда буд, таҳия гардидааст. Боз як ташаббус дар доираи лоҳаи Иттиҳоди Аврупо роҳандозӣ шудааст: дар соли 2022 маркази аввалини таълимии миллии инноватсионӣ барои таҳияи теледарсҳо ба кор шурӯъ намуд.

USAID барои ёрӣ расонидан ба хонандагон дар кори омӯзиши ибтидоии забони тоҷикӣ замимаи мобилии ***Reed with Me*** –ро та-ҳия кард[25]. Ин замима низ абзори муфид барои кӯдаконест, ки забони тоҷикиро ҳамчун забони дуюм меомӯзанд, зеро ба-рои талаффузи дурусти ҳарфҳо ва садоҳо ёрӣ мерасонад. Замимаро аллакай зиёда аз 7000 маротиба истифода кардаанд[26].

Боз як абзори рақамикунонии таҳсил лоиҳаи корхонаи давлатии «Умный город» мебошад[27]. Замимаи ***eDonish*** — комплекси барномавиест барои омӯзгорон, падару модарон ва талабагони Душанбе, ки барои идоракунии раванди таълим дар мактабҳои ибтидоӣ ва миёна таъин шудааст[28]. Мутобиқи Қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 6 августи соли 2020, № 409 «Дар бораи ҷорӣ намудани барномаи электронии «eDonish», замима дар мактабҳои шаҳри Душанбе паҳн карда шудааст. Замима 150 мактаб, 9 043 омӯзгор ва 202 466 талабаро фаро мегирад ва васеъшавӣ идома дорад[29].

Соли 2022 платформаи рақамӣ барои таҳсилоти томактабӣ ***tomaktabi.tj***[30], ки дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ, Microsoft ва донишгоҳи Кембриҷ таҳия шудааст ва «Паспорт обучения», ки ЮНИСЕФ ва Вазорати маориф ва илми Тоыикистон таҳия намудаанд, ба роҳ монда шуд. Платформа ба рушди минбаъдаи донишҳо малака-ҳои кӯдакони синну соли томактабӣ ёрӣ мерасонад ва дар дастгирии маориф ва рушди ҳаматарафаи насли наврас дар Тоҷикистон нақши муҳим мебозад.

[23] https://maktabmobile.tj/
[24] Expanding digital learning opportunities and connectivity for all learners (Tajikistan) | UNICEF
[25] https://www.usaid.gov/tajikistan/education
[26] Education | Tajikistan | U.S. Agency for International Development (usaid.gov)
[27] https://dsc.tj/ru/o-nas/
[28] https://www.edonish.tj/
[29] https://edonish.tj/about
[30] https://tomaktabi.tj/

Дар рафти таҳқиқот ба омӯзиши афкори омӯзгорон нисбат ба муносибати онҳо ба инноватсияҳо дар муҳити мактаб таваҷ-ҷуҳ зоҳир карда шуд. Таҳқиқот душвори-ҳо дар фаҳмиши мазмуни “инноватсияҳо дар таҳсилот” дар миёни омӯзгорони мак-таб ва маъмурияти мактабҳоро ошкор намуд. Омӯзгорон инноватсияро хеле васеъ шарҳ доданд ва дар аксари мав-рид онро бо ҷорӣ намудани маводи нав, рафтан ба театр, кино ва ғайра вобаста намуданд. Фикру ақидаи омӯзгорон дар бораи инноватсияҳо гуногун буд.

Дар рафти пурсиш 70% омӯзгорон нишон доданд, ки дар мактаби онҳо шуъба ва ё шахси масъул барои таҳия ва табодули инноватсияҳо барои баланд бардошта-ни самаранокии таълим вуҷуд доранд. Вале шумора хеле ками омӯзгорон ба инноватсияҳо шавқмандӣ нишон доданд. Монеаҳои нисбатан муҳим набудан ва ё номувофиқатии таҷҳизоти таълимӣ, на-будани шавқмандӣ аз тарафи талабагон ва серкории омӯзгорон мебошанд. Сеяки омӯзгорон қайд карданд, ки хастагӣ аз ислоҳот ва инноватсияҳо монеа барои инноватсияҳо мебошанд. Др рафти ин-тервю маъмурон ва роҳбарони мактабҳо муҳимияти сохтани муҳити созгор барои инноватсияҳо, масалан,таъмини мак-табҳо бо таҷҳизоти зарурии техникӣ ва омӯзонидани омӯзгорон барои истифо-даи самараноки абзори рақамиро қайд карданд.

Аз рӯи маълумоти пурсишнома, қисми ками омӯзгорони пурсидашуда шавқ-мандӣ ба инноватсияҳо нишон доданд. Зиёда аз сеяки омӯзгорони Душанбе, НТҶ ва вилояти Хатлон қайд карданд, ки мактаб инноватсияҳоро дастгирӣ наме-кунад.

Аз чораҳои номбаршудае ки мак-таб барои дастгирии инноватсия мean-дешад, пешниҳод намудани мутахассиси иловагӣ барои фаъолияти инноватсионӣ нисбатан машҳур мебошад. Дар бораи ин тадбир нисфи омӯзгорони вилояти Суғд (аз ҳама зиёд) ва чаҳоряки омӯзгорони НТҶ (аз ҳама кам) медонистанд. Чораи аз рӯи такроршавандагӣ дуюм ҷуброн дар шакли соатҳои таълим ва ё имтиёзҳо ба омӯзгорони дар фаъолияти инноват-сионӣ иштироккунанда буд. Ин тадбирро қариб сеяки мактабҳои вилоятҳои Суғд ва Хатлон, ҳамчунин 20% мактабҳои Ду-шанбе ва НТҶ дастгирӣ намуданд. Чора-ҳои дигари номбаршуда, ба мисли пешни-ҳод намудани воситаҳои иловагӣ, ҷуброн барои инноватсия, харидории таҷҳизот ё таъминоти барномавӣ хеле кам вохӯр-данд. Истисно фақат сеяки мктабҳои НТҶ буд, ки барои фаъолияти инноват-сионӣ буҷети иловагӣ ҷудо карда шуда буд, ки барои маҳалҳои дигари гузарони-дани аҳқиқот хос намебошад.

Ба ақидаи омӯзгорон, монеаҳо дар роҳи интегратсияи инноватсияҳо вобаста аз қувваҳо ва омилҳои берунӣ мебошад. Омили нисбатан муҳими монеъшаванда ба ҷорикунии инноватсияҳо, ба ақидаи омӯзгорони урсидашуда, набудан ва ё номувофиқатии таҷҳизоти аълимӣ ме-бошад (ин вариантро қариб нисфи рес-пондентҳо ба ҳисоби миёна аз рӯи мин-тақаҳо интихоб кардаанд). Дар ҷои дуюм – набудани шавқмандӣ аз тарафи тала-багон (ба ҳисоби миёна 42%) васеркории омӯзгорон (41%)қарор доранд. Аҷиб, сеяки респондентҳо хастагии омӯзгорон аз ислоҳот ва инноватсияҳоро монеа барои интегратсияи инноватсияҳо номи-данд.ки

## 2.6. Баррасии фарзияҳо

Яке аз фарзияҳо дар он ифода меёфт, ки фарзандоне ки бо падару модар зиндагӣ намекунанд, ба таълими рақамӣ камтар омода ҳастанд, тасдиқ нашуд. Дар Ду-шанбе ва вилояти Суғд нишондиҳандаи ниҳоии омодагӣ ба таълими рақамӣ дар байни фарзандони бо падару модар зин-дагикунанда ошкор карда шудааст. Дар вилояти Хатлон ва НТҶ нишондиҳандаи ниҳоӣ ар байни фарзандоне буд, ки бо падару модар зиндагӣ намекунанд. Дар маҷмӯъ, қонунмандии хосе дар байни малакаҳои ттаълими рақамӣ ва зиндагӣ бо падару модар вуҷуд надорад.

Фарзия дар бораи он ки дар байни омо-дагӣ ба таълими рақамӣ ва зиндагии кӯдак ҳамроҳи узви оила дар муҳоҷират алоқа вуҷуд дорад, тасдиқ шуд. Фарзан-доне ки узви оилаашон ҳангоми пан-демияи COVID-19 дар муҳоҷират буд, бо бартарияти на қадар зиёд индекси нисбатан баланди омодагӣ ба таълими рақамӣ нишон доданд. Ин метавонад ба он алоқаманд бошад, ки ин кӯдакон мета-вонанд истифодакунандагони нисбатан таҷрибадори таҷҳизоти рақамӣ бошанд, зеро онҳо ин таҷҳизотро барои алоқа бо узви оила, ки ба муҳоҷират рафтааст, истифодамекунанд. Вале такя ба маълу-моти ба даст овардашуда, ба мо имкон намедиҳад дар бораи алоқаи нишонди-ҳандаи баланди омодагӣ ба таълими ра-қамӣ сухан гӯем.

Боз як омиле ки метавонад ба омодагии талабагон ба таълими онлайн таъсир расонад, мавҷудияти бародарон ва хо-ҳарон ва шумораи онҳо мебошад. Дар рафти таҳқиқот вазъиятҳои мухталиф дар оилаҳо бо чандин бародар ва хоҳар ва омодагии онҳо ба таълими рақамӣ дар вобастагӣ аз вазифаҳои нигоҳубини бародарон ва хоҳарони хурдсол, ёрӣ ра-сонидан ба дарстайёркунии онҳо ва ди-гар корҳои хонагӣ таҳлил карда шуданд. Маълумоти пурсиш қонунманди қатъӣ оид ба ин масъаларо ошкор накард. Дар Душанбе индекси омодагӣ ба таълими рақамӣ дар байни талабагони дорои се ва зиёда аз он хоҳару додар баланд аст (индекси омодагӣ 69). Дар вилояти Суғд бо фарқияти кам талабагоне бартарӣ до-ранд, ки ду додару хоҳар доранд (42). Дар вилояти Хатлон (индекси омодагӣ 61) ва НТҶ фарзандоне ки додару хоҳар на-доранд, омодагии хубба таълими рақамӣ нишон доданд (62).

Фарзия дар бораи алоқаи байни омода-гии омӯзгорон ба таълими рақамӣ ва қа-ноатмандии онҳо аз таҷрибаи таълими рақамӣ тасдиқ шуд. Коэффитсиенти кор-релятсияи r-Пирсон дар байни ин омилҳо миёна ебошад. Ҳамин тавр, вақте омо-дагӣ ба таълими рақамӣ меафзояд, қа-ноатмандӣ аз таҷрибаи таълими рақамӣ низ меафзояд ва баракс. Вале, қайд кар-дан муҳим аст, ки маълумоти мавҷуда барои муқаррар намудани он ки кадом омил сабаб шудааст, имконнопазир аст. Барои муқаррар намудани он гузарони-дани таҳқиқоти иловагӣ зарур аст.

Ҳамчунин фарзия дар бораи вобастагии мутақобилаи омодагӣ ба таълими ра-қамӣ аз синнусол ва таҷрибаи омӯзгор тасдиқ шуд. Дар байни ин омилҳо алоқаи баракс вуҷуд дорад, вале он хеле суст

мебошад. Бо фарзияи пештара алоқаи байни омодагӣ ба таълими рақамӣ ва соҳаи касбии фаннӣ вобастагӣ дорад (омӯзгорони илмҳои гуманитарӣ нисбат ба омӯзгорони мактабҳои ибтидоӣ камтар "омодааанд", ҳол он ки омӯзгорони STEM бадараҷаи зиёд "омодаанд"). Аз рӯи натиҷаҳои таҳлил коррелятсияи бай-ни сатҳи омодагӣ ба таълими рақамӣ ва соҳаи фаннии омӯзгорон ошкор карда нашудааст.

Дар маҷмӯъ, талабагон ақидаҳои нисбатан мухолиф оид ба хусусиятҳои хоси таҳсилоти мактабӣ изҳор намуданд. Аз як тараф, 93-97% талабагони пурсидашуда хоҳиши идома додани таҳсил дар донишгоҳро доштанд. Бо вуҷуди ин, аз нисф зиёди пурсидашудагон (56% донишҷӯён, Душанбе) чунин меҳисобанд, ки маълумоти мактабӣ ба чӣ қадар дар оянда пул кор кардан таъсир намерасонад. Дар дигар маҳалҳои истиқоматӣ бо ин ақида шумораи ками донишҷӯён розӣ шуданд: қариб сеяк (28%) дар вилояти Хатлон, қариб чаҳоряк (24%) дар НТҶ ва 19% дар вилояти Суғд. Маълум мешавад, ки ин ҷавонон дар маълумот бештар арзиши рамзӣ, набунёдиро мебинанд (масалан, обрӯю нуфуз). Аксарияти мутлақи талабагони пурсидашуда – аз 91 то 95% дар маҳалҳои мухталифи гузаронидани пурсиш бо он розӣ шуданд, ки ғайр аз таҳсилоти мактабӣ, иштирок дар курсҳои берунназсинфӣ низ зарур аст.

# III. ТАВСИЯҲО ВА ХУЛОСАҲО

Тавсияҳо дар асоси таҳқиқоти дар Тоҷикистон гузаронидашуда, иштирок дар мулоқотҳо ва баҳсҳо бо коршиносони соҳаи маориф, роҳбарон вамутахассисони муассисаҳои пешбари педагогӣ, намояндагони созмонҳои байналмиллалӣ ва маҳаллӣ таҳия шудаанд. Натиҷаҳои калидии таҳқиқот дар Тоҷикистон ва хулосаҳо дар конфронсҳои байналмиллалии *"Стратегияҳо ва инноватсияҳои таълимӣ дар давраи рақамикунонӣ"* (солҳои 2022 ва2023), конфронси байналмиллалии Ҷамъияти таҳсилоти муқоисавӣ ва байналмиллалии CIES 2023[31] дар Вашингтон, округи Колумбия, ҳамчунин дар миссияи дохиликишварии Котиботи ГПО ва дар машварати муштараки соҳавии Вазорати маориф ва илм ва тарафҳои манфиатдори маориф дар Душанбе 26-29 феврали соли 2024 пешниҳод шуданд.

**Барои муваффақияти раванди** трансформатсияи таҳсилоти мактабӣ ***пурқувват намудани кор*** дар ***самтҳои*** зерин зарур мебошад:

- Идоракунӣ дар бахши трансформатсияи таҳсилоти мактабӣ;
- Рушди муҳити рақамии таҳсилот;
- Дастгирии инноватсияҳо ва васеъ намудани ҳамкорӣ бо тарафҳои калидии манфиатдор дар бахши маориф барои рушди рақамикунонии таҳсилоти мактабӣ.

Барои ин зарур аст:

1. Ҷорӣ намудани муносибати марҳалавӣ ба стандартизатсия, муносибгардонӣ ва автоматизатсияи равандҳои таълимӣ дар мактабҳои кишвар барои татбиқ намудани стратегияи миллӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои глобалии "таҳсилоти босифат барои ҳама" аз ҳисоби амиқияти равандҳои рақамикунонии таҳсилот.

2. Таъсин намудани дастрасӣ ва суръати Интернет, ҳамчунин васеъ намудани шаклҳои дастрасӣ ба Интернет аз рӯи нархҳои дастрас, махсусан минтақаҳои дурдасти кухистон, тавассути ҳамкории якҷоякардашудаи байниидоравӣ, ҳокимияти худидоракунии маҳаллӣ ва шарикони рушд.

3. Беҳтар намудан ва пеш бурдани захираҳои рақамӣ ва дастгирии техникии истифодаи захираҳои озоди таҳсилот, аз ҷумла захираҳои мавҷуда ва нави рақамӣ, онлайн-китобхонаҳо ва ғайра.

4. Таҳия намудани захираҳо барои таълими рақамӣ барои кӯдакони оилаҳои осебпазир, дорои имкониятҳои маҳдуд ва набудани дастрасӣ ба Ин-тернет; кам кардани нобаробарии гендерӣ бо ёрии технологияҳои рақамӣ.

5. Таҳия намудани чаҳорчӯбаи консептуалӣ барои инноватсияҳо дар таҳсилоти мактабӣ бо истилоҳоти дахлдор барои ноил гардидан ба фаҳмиш ва шарҳи ягона дар байни шахсони калидӣ ва мутахассисон. Сохтани механизмҳои ниҳодӣ оид ба ҷорӣ намудан ва васеъ кардани моделҳои инноватсионӣ ва амалҳои педагогикаи рақамӣ дар раванди таълиму таҳсил.

6. Мусоидат намудан ба сохтани ҷо-меаҳо бо иштироки падару модарон, омӯзгорон ва талабагон, дастгирӣ намудани ҷомеаи омӯзгорони фаннӣ.

7. Таъмин намудани рушди доимии касбии омӯзгорон. Мутобиқ намудани системаи рушди касбии омӯзгорон ва маъмурон бо консепсияи рушди доимии касбии омӯзгорон бо таваҷҷуҳ ба баланд бардоштани ТИК-салоҳиятҳо.

8. Баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳли ҷомеа аз бартариятҳои рақамикунонӣ. Пурқувват намудани нақши мӗнаравии падару модарон дар ташаккули саводнокии рақамии талабагон, махсусан талабагони синфҳои поинӣ, бо роҳи таҳияи барномаҳои махсуси таълимӣ ва мактабҳо барои падару модарон.

Новобаста аз кӯшиши Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти ҳалнашуда ва вазифаҳои нави вобаста ба трансформатсияи рақамии сектори мактабҳо боқӣ мемонанд. Татбиқи маваффақи он аз бисёр ҷиҳат бо биниш ва фаҳмиши консептуалии раванд аз ҷониби тарафҳои калидии манфиатдор, муназзамии гомҳои пешбинишаванда ва назорати натиҷаҳо дар ҳар як марҳала муайян карда мешавад. Муҳим он аст, ки ҳамкории ҳамаҷониба ва дастгирӣ аз ҷониби ҳамаи тарафҳои манфиатдор муратаб ва муназзам бошад.

Шахси калидӣ дар трансформатсияи рақамии таҳсилот омӯзгор ҳамчун гумоштаи (агенти) тағйирот ва драйвери инноватсия аст. Рақамикунонӣ дари имкониятҳо ва дурнамои нармии таҳсилоти мактабиро ки ба асри XX1 нигаронида шудааст, боз менамояд. Инновватсияҳое ки омӯзгорон, ҷомеаҳои педагогӣ ва мактабҳо дар таҷрибаи ҳаррӯза месозанд, дар баланд бардоштани сифат ва самаранокии таҳсилот нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Муҷаҳҳазонидани техникии мактабҳо, платформаҳои таълимӣ, маводи тайёри таълимӣ тасмимгириҳои заруриро бе иштироки босалоҳияти омӯзгоре ки қобилияти кор кардан дар муҳити рақамии таълимро дорад, кафолат намедиҳанд. Вазифаҳои сохтани муҳити самаранoки рақамии таълим, навкунии мунтазами захираҳои педагогӣ, ки бояд донишҳо ва малакаҳои нав, аз ҷумла ТИК-салоҳиятҳо, методҳои баланд бардоштани ҳавасмандкунии талабагон, рушди мустақилият ва фаъолияти корӣ, малакаҳое ки мавзӯи таҳқиқоти ояндаи таҳсилот мебошанд, ҳамчун масъалаҳои муҳими такмили системаи рушди касбии омӯзгорон боқӣ мемонанд.

[31] CIES 2023 https://kix.taalimforum.kg/en/news?view=article&id=340:cies&catid=62:news

# БИБЛИОГРАФИЯ


1. Ҳадафҳои рушди устувор. Ҳадафи 4: Маориф https://www.un.org/sustainabledevelopment/ru/education/

2. Эъломияи Инчхон - Маориф-2030 : таъмини сифати таҳсилоти ҳамаҷонибаи фарогир ва одилона ва омӯзиши тамоми умр https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000233137_rus

3. Баррасии пешрафт дар самти ноил шудан ба Ҳадафи SDG 4 “Маориф 2030” дар тӯли 5 сол дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором. https://unesdoc.unesco.org/ark:/48223/pf0000379173

4. ЮНЕСКО. Эзоҳ. Таҳсилот дар даврони COVID-19 ва берун аз он. https://www.un.org/sites/un2.un.org/files/2020/09/policy_brief_-_education_during_covid-19_and_beyond_russian.pdf

5. Пьер Бурдье, Жан-Клод Пассерон. Нашри дубора: унсури назарияи системаи маориф (Маскав: Маориф, 2007) https://gtmarket.ru/library/basis/5415

6. Милосердова О.Ю. Таълим ва сифати таълим дар заминаи равиши иҷтимоию фарҳангӣ. https://cyberleninka.ru/article/n/obrazovanie-i-kachestvo-obrazovaniya-v-kontekste-sotsiokulturnogo-podhoda/viewer

7. Конституцияи Чумхурии Точикистон. https://maorif.tj/storage/Dokument's/48777df424c65071168fda1cf7e19478.pdf

8. Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи маориф”.https://www.maorif.tj/storage/Dokument's/938447027103e1a6f6027a7a1f2b1f19.pdf

9. Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2021-2030 https://www.globalpartnership.org/content/tajikistan-national-strategy-education-development-2021-2030

10. Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2021-2030 https://www.globalpartnership.org/node/document/download?file=document/file/2020-12-tajikistan-education-sector-plan.pdf

11. https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=32345212&pos=4;-106#pos=4;-106

12. Ояндаи рақамӣ ҳамчун алтернатива ба бекорӣ ё муҳоҷират. Бонки Ҷаҳонӣ, 2021 https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/opinion/2021/03/01/in-tajikistan-a-digital-future-as-an-alternative-to-unemployment-or-migration

13. Таҳлили муҳити мубодилаи трафики интернет. Ҷомеаи Интернет, 2017. https://www.internetsociety.org/wp-content/uploads/2017/06/ISOC-Tajikistan-IXP-assessment-20170613_RU.pdf

14. Муоширати мобилӣ ва интернет дар Осиёи Марказӣ чӣ гуна рушд мекунанд. Кабар Осиё, 2021. https://cabar.asia/ru/kak-razvivaetsya-mobilnaya-svyaz-i-internet-v-tsentralnoj-azii

15. Тоҷикистон нақшаи пайвастшавӣ ба шабакаҳои телекоммуникатсионии Чинро эълон мекунад. https://rus.azattyq.org/a/32690080.html

16. Рақамӣ 2023: Тоҷикистон. https://datareportal.com/reports/digital-2023-tajikistan?rq=tajikistan

17. Ахолии Точикистон дар соли 2023. https://countrymeters.info/ru/Tajikistan#:~:text=Распределение%20населения%20по%20возрастным%20группам&text=В%20абсолютных%20цифрах%3A,921%20%2F%20женщин%3A%20195%20926)

18. Таваллуд зиёд шуда, замин кам мешавад. Азия Плюс, 2021.https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20210329/rozhdaemost-vsyo-vishe-zemli-vsyo-menshe

19. Ояндаи рақамӣ ҳамчун алтернатива ба бекорӣ ё муҳоҷират. Бонки Ҷаҳонӣ, 2021https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/opinion/2021/03/01/in-tajikistan-a-digital-future-as-an-alternative-to-unemployment-or-migration

20. Тоҷикистон: волидайн аз талаби мактабҳои хусусӣ дар давраи коронавирус ба хашм омадаанд https://cabar.asia/ru/tadzhikistan-roditeli-vozmushheny-trebovaniyami-chastnyh-shkol-v-period-koronavirusa?pdf=33736

21. Чӣ гуна мо метавон сарбории мактабҳои Тоҷикистонро кам кард? Кабар Осиё, 2023. https://cabar.asia/ru/kak-mozhno-razgruzit-shkoly-v-tadzhikistane#:~:text=По%20данным%20министра%20образования%20и,нехватка%20около%203%2C4%20тыс.

22. https://maktabmobile.tj/

23. https://www.usaid.gov/tajikistan/education

24. Шаҳри ҳушманд. Саҳифаи расмии веб. https://dsc.tj/ru/o-nas/

25. Барномаи иттилоотии соҳаи маориф eDonish. https://www.edonish.tj/

26. Барномаи иттилоотии соҳаи маориф Magic Box. https://tomaktabi.tj/

27. Конфронси байналмилалии «Стратегияҳои таълимӣ ва инноватсияҳо дар давраи рақамисозӣ» “ https://kix.taalimforum.kg/en/conference/20235 Official website of the project: https://kix.taalimforum.kg/news

28. CIES 2023 https://kix.taalimforum.kg/en/news?view=article&id=340:cies&catid=62:news

Общественная организация Анахита
https://www.facebook.com/profile.php?id=100081016492600
anahitatj@gmail.com

Фото предоставлено ©Анахита